Барои ваҳдат, рушди устувори иқтисодӣ ва зиндагии шоистаи мардум!

# МИНБАРИ ХАЛҚ

www.hamsafon.tj
E-mail: minbarihalk@bk.ru

16 марти соли 2016, чоршанбе, №11 (1043)

НАШРИЯИ МАРКАЗИИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН


# ПЕШВОИ ТОҶИКИСТОН БА УЗВИЯТИ «ПАНЕЛИ САТҲИ БАЛАНДИ ҶАҲОН РОҶЕЪ БА ОБ» ИНТИХОБ ВА ПАЗИРУФТА ШУД

***Тибқи номаи Дабири Кулли Созмони Милали Муттаҳид Пан Ги Мун ва Президенти Бонки Ҷаҳонӣ Ҷим Ёнг Ким Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба узвияти "Панели сатҳи баланд роҷеъ ба об" интихоб ва пазируфта шуд.***



**ХОТИРРАСОН** бояд намуд, ки қарор дар бораи таъсиси панели мазкур бо ташаббуси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва як қатор кишварҳои аъзои СММ моҳи сентябри соли 2015 дар Маҷмаи умумии СММ дар доираи 17 Ҳадафи Рушди Устувор ҳамчун идомаи талошҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ дар самти татбиқи Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола қабул гардида буд.

Боиси ифтихору сарфарозӣ аст, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ саҳму ташаббусҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро дар масъалаҳои ҷаҳонии об қадрдонӣ карда, ӯро аз байни роҳбарони 193 кишвари аъзои СММ ба Панели сатҳи баланди 15 нафара, ки ҳама роҳбарони кишварҳои ташаббускор дар масъалаҳои об мебошанд, интихоб намуд. 14 нафари дигари ба узвияти "Панели сатҳи баланд роҷеъ ба об" интихобшуда роҳбарони давлатҳои Чин, Ҳиндустон, Нидерландия, Маҷористон, Мексика, Сингапур, Австралия ва дигарон мебошанд.

Узвияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва аъзои дигари ин панел аз моҳи январи соли 2016 оғоз ёфта, ду сол идома хоҳад дошт.

Ба узвияти ин панели сатҳи баланд пазируфта шудани Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон боз як далели пешсафии давлати мо ва Пешвои миллат дар ҳаллу фасли масоили ҷаҳонии об ва дар таҳкими эътибори байналмилалии Тоҷикистон аст.

**11 март - Рӯзи матбуот**

## ВАҚТЕ КИ ЗАҲМАТ ҚАДР МЕШАВАД...

саҳ. 12

## Наврӯзи Аҷам

саҳ. 6-7

**Кишоварзӣ**

## БУНЁДИ БОҒ АМАЛИ НЕК АСТ



саҳ. 13

Минбари халқ
16 марти соли 2016,
№11 (1043)

# ҚАДАМИ ФАЙЗБОРИ НАВРӮЗӢ

**15 марти соли равон Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо сафари корӣ ва бо мақсади иштирок дар ифтитоҳи якчанд иншооти таъиноти гуногун, инчунин мулоқот бо сокинон ба ноҳияи Рӯдакӣ ташриф овард.**



Сафари кории Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Рӯдакӣ бо оғози корҳои сохтмонӣ дар иншоотҳои Маҷмааи фарҳангию фароғатӣ, варзишию солимгардонӣ бо нуқтаҳои савдо ва хизматрасонӣ шуруъ гардид.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон бо гузоштани нома ба наслҳои оянда дар маҳали бунёди ин маҷмааи бузурги хизматрасонӣ ба корҳои сохтмонӣ оғоз бахшид.

Тавре ба Президенти мамлакат иттилоъ доданд, маҷмаа дорои кӯдакистон барои 200 тарбиятгиранда, корхонаи дӯзандагӣ бо 300 ҷойи корӣ, толори варзишӣ барои машқи 200 нафар дар як баст ва маркази савдо бо 400 ҷойи корӣ пешбинӣ шудааст.

Маблағи умумии арзиши лоиҳа 30 миллион сомонӣ буда, дар рафти корҳои сохтмонӣ 200 нафар сохтмончӣ ҷалб мегардад. Баъди ба истифодадиҳии маҷмааи мазкур наздики 3 ҳазор нафар бо ҷойи кори доимӣ таъмин карда мешавад. Бунёди маҷмаа аз ҷониби соҳибкори ватандӯст Заъфаралӣ Кабиров ба роҳ монда шуда, бояд давоми ду сол сохта шавад.

Лоиҳаи муосир аз тарафи Ҷамъияти саҳҳомии кушодаи "Селтехпроект" омода гардида, корҳои сохтмониро Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Саманди Сомон" анҷом медиҳад.

Зимни шиносоӣ бо тарҳи лоиҳа Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон соҳибкор ва сохтмончиёнро ба корҳои босифат ҳидоят намуд. Аз рӯйи таъкиди Сарвари давлат ин маҷмаа бояд бо тарҳи муосири бо меъмории шарқӣ омехта хеле зебо бунёд гардад ва солҳои зиёд ба мардум хизмат расонад.

Маҷмаа дар майдони умумии 5 гектар дар ҳудуди шаҳраки Сомониён сохта мешавад. Ҳангоми ба фаъолият оғоз кардан, имкон аст, ки дар як шабонарӯз беш аз 20 ҳазор нафар аз хизматрасонии он баҳравар гарданд.

### ОҒОЗИ СОХТМОНИ БИНОҲОИ БАЛАНДОШЁНА

Дар доираи сафари корӣи худ ба ноҳияи Рӯдакӣ Сардори давлат дар кӯчаи Исмоили Сомонии шаҳраки Сомониён бо гузоштани санги асос ва нома ба наслҳои оянда ба сохтмони биноӣ истиқоматии бисёрошёна оғози расмӣ бахшид.

Бинои истиқоматии 9 - ошёна аз 85 хонаи як ва ду ҳуҷрагӣ иборат буда, сохтмонаш дар ҷойи манзили истиқоматии дуошёна, дар масоҳати 0,23 гектар ба нақша гирифта шудааст.

Он аз ҷониби соҳибкори ватандӯст Убайдулло Гулов бунёд гардида, фармоишгар ва сохтмончӣ Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Сохтмони арзон" ва лоиҳакаш Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Архиком-К" мебошад.

Арзиши лоиҳавии ин иншоот 17 миллион сомониро ташкил медиҳад ва дар ошёнаи якуми он бунёди маркази савдо ва дигар иншооти хизматрасонии маишӣ пешбинӣ гардидааст. Дар рафти корҳои сохтмонӣ 25 нафар ва баъди бунёди бино 15 нафар аз сокинони маҳаллӣ соҳиби ҷойи кор мешаванд.

Бинои истиқоматӣ дар доираи нақшаи генералии шаҳраки Сомониён, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 октябри соли 2010 тасдиқ шудааст, бунёд мегардад. Мавриди зикр аст, ки дар асоси ин нақшаи генералӣ дар маркази шаҳрак инчунин сохтмони биноҳои замонавии Қасри фарҳанг, идораи андоз, сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ, меҳмонхона, тарабхона ва дигар идораҳои маъмурию иншооти гуногуни маишӣ - хизматрасонӣ сохта мешаванд.

Тарҳу намои бинои истиқоматӣ ба талаботи меъмориву шаҳрсозӣ ҷавобгу буда, дар он тамоми унсурҳои миллӣ пешбинӣ гардидааст.

***

Баъди гузоштани санги асос барои бунёди бинои баландошёнаи истиқоматӣ дар маркази шаҳраки Сомониёни ноҳияи Рӯдакӣ Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон як бинои истиқоматии 5 - ошёнаро ифтитоҳ намуд.

Баъди буридани лентаи рамзӣ дар ошёнаи аввал Сардори давлат бо шароити зист дар хонаҳо шинос шуда, ба якчанд оилаи хуштолеъ калиди хонаҳои замонавиро тақдим намуд.

Бинои истиқоматии 5-ошёна дорои 40 хона, аз ҷумла 19 якҳуҷрагӣ ва 21 дуҳуҷрагӣ иборат мебошад. Он бо харҷи қариб 5 миллион сомонӣ аз тарафи соҳибкор Руқия Ҳамдамова сохта шудааст. Лоиҳакаш Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Тоҷмаҳал - 2010" буда, бо назардошти талаботи муосири коммуналӣ бо тамоми инфрасохтор бунёд шудааст.

Мавриди зикр аст, ки дар доираи дастгирии соҳибкории хурду миёна аз ҷониби Ҳукумати кишвар соҳибкорони ватандӯст дар баробари ифтитоҳи корхонаҳои истеҳсолӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, инчунин дар самти бунёди биноҳои баландошёнаи истиқоматӣ бо нархҳои дастрас саҳми муносиб мегузоранд.

Бинои нав дар маркази шаҳрак низ аз ҷумлаи чунин иншоот мебошад, ки аз тарафи соҳибкорон дар робита ба дастгирии сиёсати созандаи роҳбарияти давлату Ҳукумати мамлакат сохта шудааст.

Тибқи дастуру супоришҳои мушаххаси Сарвари давлат дар асоси лоиҳа дар ин мавзеъ ҳамзамон майдонча барои бозии кӯдакон ва дигар инфрасохтори зарурӣ бунёд мегардад.

### ИФТИТОҲИ МАРКАЗИ САЛОМАТӢ

Дар маркази ноҳияи Рӯдакӣ Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчунин дар вазъияти тантанавӣ бо буридани лентаи рамзӣ ба фаъолияти Маркази саломатии ноҳия оғози расмӣ бахшид.



Зимни шиносоӣ бо шароити Маркази саломатӣ ба Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки барои анҷоми корҳои сохтмонӣ наздики 9 миллион сомонӣ ва барои бо дастгоҳу таҷҳизоти муосири тиббӣ муҷаҳҳаз намудан 1 миллион сомонӣ харҷ карда шудааст.

Иттилоъ дода шуд, ки бинои Маркази саломатии ноҳияи Рӯдакӣ аз панҷ ошёна иборат буда, барои қабули 310 нафар бемор дар як баст пешбинӣ гардидааст.

Дар Маркази саломатӣ беш аз 300 нафар мутахассиси соҳаи тиб бо ҷойи кор таъмин гардиданд.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба табибони марказ дастур дод, ки дар вақти ташхис ва табобати беморон масъулияти бештар дошта бошанд ва пеш аз ҳама бахри беҳдошти солимии ҷомеа саҳми арзанда гузоранд.

Тавре иттилоъ дода шуд, дар марказ барои ташхису табобати беморон технологияи нави соҳа аз кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон, аз ҷумла Олмон, Чин ва Корея ворид карда шудааст.

Тибқи иттилои масъулин таҷҳизоти ҳозиразамони соҳа, аз қабили лор комбайн, систоскоп, бронхоскоп, гастроскоп, колпоскоп, дастгоҳҳои ултрасадо ва сабти барқии дил имкон медиҳад, ки кори табибон дар самти муайяну мушаххас намудани бемориҳо осон гардад. Ҷараёни қабул ва барои ташхису маслиҳат ба табибон роҳхат додан, дар маркази саломатӣ ба воситаи барномаи махсуси компютерӣ сурат мегирад, ки ин ҳам дар ноҳия як навоварии калон аст. Инчунин ба воситаи ин барнома тариқи онлайн табибон барои ташхису табобати беморон бо якдигар машварат мегузаронанд.

Ҳамзамон маркази саломатӣ дорои озмоишгоҳҳо, маркази таълимӣ барои корҳои амалӣ, утоқҳои муоина ва муоличаи гулӯ, гӯшу бинӣ, дандон, узвҳои нафаскашӣ, меъдаю рӯда, бемориҳои занона, урологӣ, чашм, дил ва ғайра мебошад. Дорухонаи табиат, ки аз гулу гиёҳҳои шифобахши Тоҷикистони биҳиштосо дар он маводи доруворӣ тайёр карда мешавад, дар марказ мавқеи махсус дорад.

Дар ин ҷо ҳамзамон сохторҳои вобаста ба тибби оилавӣ, марказҳои зидди сил, ташаккули тарзи ҳаёти солим, ҳамбастагии кӯдакона, эмтаъминкунӣ, ташхиси тиббии судӣ ва зидди вируси норасоии масунияти бадан муттаҳид карда шудааст. Ин ба он хотир аст, ки нафарони ниёзманд ташхису табобатро дар як муассисаи тандурустӣ анҷом диҳанд.

Дар марказ барои солимии равонии беморон ва ташхису тавонбахшии маъюбон низ толор ва утоқҳои махсус таъсис дода шудаанд, ки бо дастгоҳу таҷҳизоти муосир муҷаҳҳаз мебошанд. Ҳамзамон барои мутахассисони тибби оилавӣ пойгоҳи омӯзишӣ фаъолият хоҳад кард, ки он дар баланд бардоштани савияи дониш ва маҳорати касбии духторон нақши асосӣ дорад.

Баъди шиносоии пурра бо шароити Маркази нави саломатӣ дар саҳни ҳавлӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо сокинону фаъолони ноҳияи Рӯдакӣ, ки барои истиқболи Сарвари давлат ҷамъ омада буданд, суҳбати самимӣ орост.

Зимни суханронӣ Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон нахуст табибон ва тамоми сокинони ноҳияро бо ифтитоҳи як қатор иншоот, аз ҷумла Маркази саломатии ноҳия табрику таҳният гуфт. Бунёду мавриди баҳрабардорӣ қарор додани иншоотҳои гуногунро дар арафаи идҳои зебои баҳорӣ Сарвари давлат тӯҳфаи арзандаи Ҳукумати мамлакат ба мардум ба ифтихори 25 - солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон арзёбӣ кард.

Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуд, ки давлату ҳукумат ҳамаҷониба барои солимии ҷомеа талош меварзад ва дар доираи ислоҳоти соҳаи тандурустӣ ба хотири беҳдошти сатҳи зиндагии мардум, беҳтар кардани сифати хизматрасонии тиббӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ташхису табобат чунин марказҳои муосири саломатӣ бо дастгоҳҳои нодир муҷаҳҳаз бунёд карда мешавад.

Сокинони ноҳия зимни баромади хеш ба Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои ҳамаи ташаббусҳо ва ғамхориҳои рӯзафзун изҳори сипосу миннатдорӣ карданд.

### ШИНОСОӢ БО ФАЪОЛИЯТИ ХОҶАГИИ ДЕҲҚОНИИ "САЪДУЛЛО"

Дар доираи сафари корӣ ба ноҳияи Рӯдакӣ Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба деҳаи Гулпарвари ҷамоати деҳоти Чимтеппа ташриф оварда, бо фаъолияти ибратбахши хоҷагии деҳқонии "Саъдулло" шинос шуд.

Дар назди гармхонаи хоҷагӣ Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон нахуст намоишгоҳи дастовардҳои соҳаи кишоварзии ноҳияро тамошо кард.

Дар ин ҷо маҳсули дасти деҳқонони ризқофар, ҳунарҳои дастӣ ва анъанаҳои хоси наврӯзӣ ба маъраз гузошта шуда буд.

Зимни шиносоӣ бо комёбиҳо Президенти мамлакат ҷиҳати равнақи соҳаи кишоварзӣ ва истифодаи иқтидорҳои истифоданашудаи аграрии ноҳия ба хоҷагидорон дастуру супоришҳои мушаххас дод.

Сипас, Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар гармхонаи хоҷагии деҳқонии "Саъдулло", ки роҳбараш деҳқони ботаҷриба Ҳалим Солиев мебошад, бо парвариши помидор шинос шуд.

Тавре маълум гардид, хоҷагии мазкур дар ихтиёри худ 1,5 гектар замин дошта, 15 сол боз ба парвариши помидору бодиринги барвақтӣ ва кӯчати ин навъи зироат машғул мебошанд. Айни замон дар ин хоҷагӣ 27 нафар, аз ҷумла 13 аъзои оилаи Ҳалим Солиев бо кор таъмин буда, музди миёнаи коргарон аз 750 то 1500 сомониро ташкил медиҳад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон зимни боздид аз хоҷагӣ, кори аъзои хоҷагиро қобили таҳсин хонда, ба масъулини ноҳия бобати васеъ кардани майдони гармхона ва истеҳсоли маҳсулоти барвақтӣ дастур дод.

Дар гармхона айни замон 35 ҳазор бех помидор шинонида шуда, нашъунамои хуб дорад.

Аз рӯи иттилои роҳбари хоҷагӣ Ҳалим Солиев даромади софи яксолаи хоҷагӣ аз ҳисоби фурӯши помидору бодиринг 300 то 350 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

Аз ин ҳисоб баробари харҷи маблағ дар корҳои хоҷагидорӣ дар пайравӣ ба сиёсати инсонпарваронаи Президенти мамлакат ҳамасола наздики 100 ҳазор сомонӣ ба мактаб - интернатҳо ва дигар табақаҳои ниёзманди ноҳия хайр карда мешавад.

Барои фаъолияти намунавӣ ва ҷонибдорӣ аз сиёсати инсондӯстонаи Роҳбарияти давлату Ҳукумати мамлакат Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба роҳбари хоҷагӣ изҳори сипос намуд.

Барои гарм кардани гармхона аъзои хоҷагӣ аз ангишт истифода мебаранд ва талабот дар як сол ба ин намуди сӯзишворӣ 700 тонна мебошад.

Роҳбари давлат ба ин усули парвариши помидору бодиринг таваҷҷуҳ зоҳир карда, истифодаи неъматҳои табиии худӣ, аз ҷумла ангиштро судовар маънидод кард.

Ҳангоми шиносоӣ бо таҷрибаи барзгарони хоҷагии деҳқонии "Саъдулло", Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ноҳияи Рӯдакиро пойгоҳи калони таъмини сокинони пойтахт бо маҳсулоти кишоварзӣ арзёбӣ намуда, ба масъулон ҷиҳати истеҳсоли ҳарчи зиёди маҳсулоти барвақтии воридотивазкунанда дастуру ҳидоятҳо дод.

Ҳамин тавр баъди шиносоӣ бо фаъолияти пурсамари Хоҷагии деҳқонии "Саъдулло" сафари кории Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ба ноҳияи Рӯдакӣ анҷом ёфт.

# МУЛОҚОТ БО ДИРЕКТОРИ ГЕНЕРАЛИИ ТАСС СЕРГЕЙ МИХАЙЛОВ ВА МУОВИНИ АВВАЛИ Ӯ МИХАИЛ ГУСМАН

14 март Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон директори генералии ТАСС Сергей Михайлов ва муовини аввали ӯ Михаил Гусманро, ки барои иштирок дар ҷаласаи XXI Шӯрои роҳбарони агентиҳои иттилоотии давлатии кишварҳои ИДМ ба Душанбе омадаанд, ба ҳузур пазируфт.

Зимни суҳбат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон оид ба нақши иттилоот дар ҷаҳони муосир изҳори ақида карда, зикр намуд, ки «ВАО дар ташаккули афкори умум ва идора кардани он нақши калидӣ доранд, бинобар ин мо тамоми чорабиниҳоеро, ки ба ҳамкорӣ дар ин самт нигаронида шудаанд, ҳамаҷониба дастгирӣ мекунем.»

Вобаста ба воқеаҳое, ки дар ҷаҳони имрӯза, дар Шарқи Наздик, хусусан дар наздикии сарҳади ҷанубии ИДМ рух медиҳанд, ҳамкории самарабахши ВАО-и давлатҳои мо дар самти муқовимат ба тарғиботи таҳрифкоронаи қувваҳои терроризми ҷаҳонӣ ва ифротгароии диниву мазҳабӣ ниҳоят муҳим аст.

Дар рафти мулоқот ҳамчунин доир ба масъалаҳои гуногун, аз қабили муносиботи стратегии Тоҷикистону Русия, нақши Тоҷикистон дар созмонҳои минтақавию байналмилалӣ, аз ҷумла, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва дигар мавзуъҳои ҷолиб табодули афкор сурат гирифт.

*www.president.tj*



**Муассисаи нашриявии "Ирфон"-и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба истиқболи ҷашни Наврӯзи оламафрӯз китоби тозанашри "Пешво - ифтихори миллат" -ро ҳамчун армуғони идона зери назари академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, профессор Абдуҷаббор Раҳмонзода ба табъ расонид. Ин китоб силсилаи мақолаҳоеро дар бар мегирад, ки фаъолияти созанда ва бунёдкоронаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро мавриди омӯзиш қарор дода, нақши воқеии ӯро чун Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат ва бунёдгузори давлати миллӣ бозгӯ мекунад.**




# ПЕШВО - ИФТИХОРИ МИЛЛАТ

**Низом Қосим,** Шоири халқии Тоҷикистон дар мақолаи **"Пеши раҳи ту во бод"** чунин ёдовар шудааст: *"Ҳамзамон боиси шодмонии бениҳоят аст, ки кишварҳою созмонҳои зиёди муътабар низ ин ҷаҳду талошҳои милливу байналмилалӣ, саҳми барҷастаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро натанҳо дар бунёди давлати пойдори демократӣ, балки дар таҳкими рукнҳои ҷомеаи мутамаддини ҷаҳон қадр мекунанду ба ҷоизаҳои бонуфузи хеш сазовор медонанд. Аз он ҷумла, сазовори санад ва нишони унвони пурифтихори "**Пешвои асри** XXI", ҷоизаи яке аз бонуфузтарин ва сахтгиртарин созмонҳои ҷаҳонӣ - Ҷомеаи Аврупо гардидани Эмомалӣ Раҳмон далели бебаҳси як давлати воқеан демократӣ бунёд намудани Ҷаноби Олӣ, саҳми бузурги ӯ дар рушди демократияи воқеӣ ва исботи ҳодии роҳи раҳоии давлат ва Пешвои миллат будани ин шахсияти беназири Тоҷикистони соҳибистиқлол аст".*

**Фарҳод Раҳимӣ,** академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар навиштаи **"Пешвои миллат-ифтихори миллат"** мегӯяд: *"Истеъдоди фавқулоддаи давлатдорӣ, маҳорати камназири сиёсатмадорӣ ва ҷидду ҷаҳди хастанопазири пайвастаи ӯ барои тадриҷан ба давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона табдил ёфтани Тоҷикистон замина фароҳам овард. Ин ҳама кӯшишу ғайрат, азму талош барои бунёди Тоҷикистони ободу сарсабз ва рӯзгори ободу осудаи мардум ба халқи Тоҷикистон ҳамвора рӯҳу илҳоми тоза мебахшад ва барои пешрафти минбаъдаи мактабу маориф, илму фарҳанг, иқтисодиёту саноат, тандурустӣ ва дар маҷмуъ барои баланд шудани сатҳи рӯзгору некӯаҳволии мардуми мамлакат ҳамаҷониба мусоидат мекунад."*

**Абдураҳим Холиқзода,** доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор дар мақолаи **"Бунёдгузори давлати миллӣ"** овардааст: *"Инъикоси симои шахсе, ки халқи беш аз ҳазор сол аз саҳнаи таърих дурафтодаро аз сари нав ҳамчун миллати соҳибдавлат ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ ворид кардааст, халқи гирифтори гирдоби нобудиро наҷот додааст, миллатро дар кӯтоҳтарин замон аз вартаи ҷанги шаҳрвандӣ раҳондааст, тасвири корнамоии фарзанди миллат, ки ҷон дар кафи даст душманонро ба оғӯш кашида, ҷинояткоронро авф карда, гурезаҳоро ба Ватан баргардонда, ба миллати мотамзада ваҳдат, субот, амният оварда, ҳама дороӣ, қудрат ва сиёсатро дар хизмати инсон вогузор сохта, пояи давлатдориро аз сифр, низоми молияро аз хазинаи холии ба ғоратрафта, лашкарро бо сарфармондеҳони кироя, ҳуқуқро бо ғояҳои анъанавию миллӣ тарҳрезӣ намуда, оби наҷотбахши озодиву соҳибдавлатиро барои ташнагони беш аз ҳазорсола эҳдо, садои модари тоҷикро ҳамчун модари миллати соҳибдавлат то ба созмонҳои байналмилалӣ расонида, мардуми парешонро атрофи дастархони миллат муттаҳид карда, дар харитаи сиёсии ҷаҳон давлатеро бо номи Тоҷикистон сабт намудааст, кори саҳл нест. Зеро инъикоси симо ва корномаи шахсе, ки халқи бедавлатро соҳиби давлат карда, ба халқи ноумед умед оварда, ба ҷойи кинаву адоват ваҳдату дӯстиро ҳокими сарзамин намудааст, аз ҳар шахси эҷодкор диди васеи назариявӣ ва амалиро тақозо дорад".*

**Ҳусейн Мӯсозода,** номзади фанҳои филологӣ, дар **"Рисолати Президент ва эътимоди миллат"** чунин менигорад: *"Як нуктаи муҳимро таъкид бояд кард, ки Президенти кишвар ва халқи сарбаланди тоҷик ҳамтақдир ҳастанд. Чеҳраи рӯшани Президент чеҳраи рӯшани миллат аст, сарбаландии Президент сарбаландии тамоми тоҷикони дунёст. Азбаски ормони Сарвари давлат аз ормони халқ сарчашма мегирад ва дарди миллат дарди Президенти мамлакат аст, пас тавъам будани ин ду мафҳумро ҳамагон бармало эҳсос мекунем".*

Имрӯз мо дар остонаи ҷашни 25-солагии Истиқлолияти давлати навини тоҷикон қарор дорем. Аз ин рӯ, вазифаи муҳимтарини имрӯзаи олимон, воситаҳои ахбори умум, кормандони ҳокимияти маҳаллӣ, давлат, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва умуман кулли шаҳрвандон аз он иборат аст, ки ба мардуми Тоҷикистон моҳият ва хизматҳои барҷастаи Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ҳамчун Пешвои миллат ва Асосгузори давлати навин, мушаххас ба омма тавзеҳ диҳанд.

**«МХ»**

**Паём - барномаи амал**

# Роҳати мардум талаб! Озор чист?...

*Мардуми тоҷик аз қадимулайём боору номус, заҳматкаш, ҳалолхӯру ҳалолкор, покнияту поктинат зиста, дар ислоҳи воқеоти зиндагӣ хайрхоҳ ва дар ҳалли мушкилот гиреҳкушо буду ҳаст. Ва моро лозим аст, ки ин анъанаро идома дода, номбардори миллату давлати хеш бошем. Вазифаи мо пеш аз ҳама омӯхтани илму дониш ва онро дар асоси дастовардҳои инноватсионӣ ба истеҳсолоти ватанӣ васеъ татбиқ кардан аст.*

**Ин** масъала дар Паёми имсолаи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хеле равшан зикр гардидааст:

*"Мо аз олимони худ, бахусус аз олимони ҷавон умеди калон дорем, ки дар ояндаи наздик илмро дар асоси дастовардҳои инноватсионӣ ба истеҳсоли ватанӣ васеъ татбиқ карда, ба ҳамин роҳ дар рушди иқтисоди миллӣ саҳми арзишманди хешро мегузоранд".*

Аз ин лиҳоз, масъулияти мо - ҷавонон аз пеш бештар гардида, иҷрои он дар мадди аввал меистад. Ва аз ин ҳам масъалаи ҷиддитар, ки тамоми ҷомеаи ҷаҳонро ба ташвиш овардааст, шомил шудани ҷавонон ба ҳар гуна ҳаракатҳои ифротгароӣ ва ба ин восита алоқаманд шудан бо гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ мебошад. Барои пешгирӣ кардани ин амали номатлуб мо бояд аз хонаи худ, аз кӯчаи худ, аз маҳаллаи худ ва аз он ҷое шурӯъ кунем, ки зиндагонӣ дорем.

Оре, ислоҳи ҳар гуна камбудӣ дар вақташ амалест дуруст ва ибратест барои дигарон. Аз чи сабаб бошад, ки бархе аз ҷавонон ба қадри неъматҳои давраони истиқлолият нарасида, пайгири дасисаҳои бегонагон мешаванд. Зеро давлату миллат кор бо ҷавононро ҳамеша дар мадди аввал гузошта, барои дастгирии онҳо чораҳои зарурӣро амалӣ мегардонанд: "Ҳукумати мамлакат масъалаҳоеро, ки ба сиёсати давлатии ҷавонон алоқаманд мебошад, дар маркази диққати худ қарор медиҳад ва барои дастгирии иқдомоти бунёдкоронаи ҷавонони кишвари соҳибистиқлоламон тамоми чораҳои зарурӣро амалӣ мегардонад. Мо барои ҷавонон чунин шароите муҳайё созем ва онҳоро тарзе тарбия кунем, ки фарзандони мо дар зиндагӣ роҳи дурустро интихоб намоянд, илму дониши муосирро аз худ кунанд, касбу ҳунарҳои замонавиро омӯзанд ва дар оянда мақоми арзандаи худро дар ҷомеа соҳиб шаванд".

Умри инсон чун барқ даргузар аст ва вақти зиндагӣ чун мавҷи баҳор нопойдор. Ҳар соате, ки мегузарад, ҷавҳари бебадал аст. Қимати онро бояд донем. Ва аз зиндагӣ он чӣ рафт, боз овардани он ғайриимкон аст. Пас, чаро на ҳама дар ин бора андеша мекунанд ва дар пайи озору маломати мардуманд? Ба ин гуна ашхос Фаридаддини Аттор чанд аср пеш муроҷиатона гуфта буд:

***Роҳати мардум талаб!***
***Озор чист?***
***Ҷуз хиҷолат ҳосили***
***ин кор чист?***

Терроризм ва экстремизм яке аз масъалаҳое мебошад, ки тамоми ҷомеаи ҷаҳонро фаро гирифтааст. Ва ҳар як фарди соҳибватанро мебояд, ки мубориза бар зидди ин вабои аср пурзӯр кунад. Пас, агар натавонист, бар зидди ин гуна шахсон мубориза барад, ҳадди ақал ба онҳо пайравӣ накунад. Зеро, дар байни халқ мақоле ҳаст, ки "агар некӣ карда наметавонӣ, пас бадӣ накун". Ин масъала дар ҳамаи суханрониҳои Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр мегардад ва дар Паёми имсолаи хеш ба Маҷлиси Олӣ иброз доштанд, ки: "Рӯйдодҳои охири ҷаҳон, яъне боз ҳам тезу тунд гардидани вазъ дар Шарқи Наздик, Осиё, Африқои Шимолӣ, Аврупо ва дигар минтақаҳои дунё нишон медиҳанд, ки терроризм ва экстремизм ба хатарҳои аввалиндараҷаи ҷаҳони муосир табдил ёфтаанд... Хулоса имрӯз терроризм ва экстремизм ҳамчун вабои аср ба амнияти ҷаҳон ва ҳар як сокини сайёра таҳдид карда, барои башарият хатари на камтар аз силоҳи ядроиро ба миён овардааст".

Ҳамин тариқ, моро зарур аст, ки сиёсати пешгирифтаи давлату ҳукумати хешро пайгирона ҷонибдорӣ намуда, дар амалӣ кардани он саҳмгузор бошем. Ва агар кори неке карда натавонем, бадиро низ пешаи худ накунем. Зеро ҳар як амали мо ба мисли сухане аст, ки чун аз даҳон берун ояд, марҳаме мешавад ба захме ё ханҷарест, ки дилеро мешикофад ва ё насиме аст, ки дарёи эҳсосотро ба талотум меоварад. Пас, дар ҳолате, ки наметавонем бо сухани худ дилдодаеро мурод, ғамзадаеро шод ва вайронаеро обод кунем, хомӯшӣ беҳтар аз он бувад.

**Шамшоди ҶАМШЕД,**
*ассистенти кафедраи адабиёти тоҷики ДДК ба номи А. Рӯдакӣ*

# НАВРӮЗ НАҶОТИ МИЛЛАТИ МОСТ!

**Наврӯзи Аҷам! Эй хуҷастатарин ҳадяи Додор!**

**Эй беҳин падидаи инсоният!**

**Эй сафобахшу саодатбор!** Ҳидоятгари инсонҳо ба накӯиву хайрхоҳӣ, зебоиву зебоипарастӣ, ба ободиву созандагӣ, ба офариниш,ба эҳёву парастиши муқаддасоти инсонӣ!

**Наврӯзи Аҷам- Наврӯзи ориёиён, Наврӯзи тоҷикон!** Таҷаллии донишу хирад, маърифату фазилат, фурӯғу эҳёи суннату оинҳои неку хуҷаставу шарифи ин миллати куҳанбунёд!

**Биёву моро ба бар гир, эй пероии муҳаббат, пероии фазлу адаб, пероии хираду футуввати ниёкони хуҷаста-ниҳод!**

Биё, эй ҳама оғӯши пур аз накҳати гулҳо, шамими сабзаҳо, таровати обҳои зулол! Биё, эй Башорати улвӣ, эй сафои Менуи хирад! Биё,эй шогун баҳор!

**Биё,Наврӯз!** Ту барои мо муқаддастарин вожаӣ! Вожае, ки онро чун ниёиш бо ҳама покиву покизагӣ, бо ҳама озодагиву озодандешӣ, бо камоли эҳтирому парастиш ба забон меорем, мисли қасам, мисли дуо! Ту мисли волотарин таманно ва қиматтарин дастоварди инсонӣ ҳамеша бо мо будаӣ ва хоҳӣ буд!

**Наврӯзи Аҷам!** Эй оини озодагон, эй суннати некманишон! Хайрхоҳиву накуӣ чун нурҳои хуршеди сафобахш ҷавлон мезананд дар ҳама зуҳуроти ту!

**Биё,Наврӯз!** Эй армони ҳазоронсолаи мо, эй армони дерини башар! Эй шифои ҳама дардҳо,таскини ҳама ғуссаҳо, умеди ҳама ноумедиҳо! Биё,эй наҷоти мо!

**Биё, Наврӯз!** Эй ҷони ҳазорон ҷон,эй ишқи ҳазорон ишқ, эй доди ҳазорон дод,эй фарёдраси фарёд!

Агар миллати куҳанбунёди мо бо ҳама ҷабрҳое,ки таърих бар сараш рехтааст, имрӯз боз ҳам бар сари пост, боз ҳам сарфароз аст, ба шарофати туст, эй Наврӯзи хуҷастасиришт!

Ин қадар ту моро аз вартаҳои фалокатҳо раҳонидаӣ! Ҳар бор дар охирин лаҳзаҳои ноумедӣ ба сарвақти мо ту расидаӣ, Наврӯз!

Ин толеъи мо, бахти мо, шарафи мост, ки, мо туро дорем! Туе,ки ҳар сол меоӣ, моро аз нав эҳё мекунӣ! Ҳар сол меоиву ба мо нерӯ, тавон, умед мебахшӣ! Эй сарчашмаи файзу футуҳи аҳуроӣ, Наврӯз!

**Наврӯзи Аҷам!** Ту бузургдошти ориёнӣ, бузургдошти тоҷиконӣ! Ту бузургдошти башар ҳастӣ! Зеро дар ту фурӯғи ишқ, умед ва армонҳои тамоми башар шаъшаапошӣ мекунанд!

**Наврӯз!** Эй ҷашни инсонҳо, эй ҷашни Осмон, эй ҷашни Замин, эй ҷашни Офтоб! Ту ҷашне ҳастӣ, ки дар саҳнаҳоят чор унсури азал ба арғушт медароянд!

Биё, эй Наврӯзи Аҷам, эҳёи дубораи мо! Биё, бо пайки шукуфтанҳо, нусрати зоданҳо, мифтоҳи кушоданҳо! Биё, эй чашмаи саршор аз ангезаи шавқи пайдоиш! Ойинае, ки ишқ ва абадият дар он ҷилванамоӣ ва уқдакушоӣ мекунанд!

**Биё, Наврӯз!**

Биё,ки бо боронҳои ту бибо-



рем,бо гулҳои ту бишкуфем, бо парандагони ту пар боз намоем, бо дарахтони ту ба бор оем, бо мурғаконат бисароем!

**Биё, Наврӯзи Аҷам!** Моро раҳо кун, чун сабзаҳо аз хок,чун гулҳо аз шохсор, чун чашмаҳо аз дили санг, чун сурур аз қафаси сина! Ту раҳову раҳнамои моӣ, Наврӯз! Ту озодиву озодагиҳои моӣ, Наврӯз!

**Биё, бо забони баргҳои нав руста, бо даҳони ғунчаҳои навшукуфта рози дили моро биханд,эй Наврӯз!**

**Биё, Наврӯз,** ки ман саропо лонаи мурғони муҳоҷир хоҳам буд! Дарахтонро дар худ хоҳам сабзонд, рӯдҳоро дар шараёни худ ҷорӣ хоҳам кард, вожагулҳоро дар лабҳоям хоҳам шукуфонд!

**Биё, Наврӯз,** ки бо ту ман Заминро Модар ва Осмонро Падар эҳсос хоҳам кард!

**Аё, Наврӯз!** Ту эҳсоси ҳазорон сол дар як нафасӣ! Туӣ, ки мо хуҷастагиҳои Зардуштро дар худ эҳсос мекунем!

**Аё, Наврӯз!** Ту эҳсоси Ҷамшеду Фаридун, Шераку Испитамон, Рустаму Сиёвуш дар вуҷуди моӣ!

**Наврӯз!** Ту номи миллати мо, муҷассамаи миллати мо дар тагсинҷи таърихӣ! Муҷассамаи пирӯзӣ! Ҳеҷ душмане натавониста бар ту тасаллут кунад! Баръакс, ҳама душманони ғасбгаре, ки ин ҷо омаданд, таслим ба ту шудаву волаву шайдои ту гардидаанд.Бале, таҷовузгарони кишвари мо ғолиби шамшеркашиву хунрезӣ, аммо мағлуби илму адабу фарҳанги мо буданд ва ин пирӯзӣ таҷассум дар ту ёфтааст, эй Наврӯз!

**Наврӯз!** Ту тавонистӣ дар муқобили бодҳои сарду тунди таърих, дар муқобили сангборони асрҳо пойдор бимонӣ! Наврӯз, ту тандеси бегазанди абадияти моӣ!

Миллати мо туро зинда дошт ва ту миллати моро зинда доштӣ бо хуҷастагиҳои хеш! Мову ту ҳамсириштем , ҷудоинопазирем, Наврӯз!

**Наврӯз!** Ту шиносномаи миллати мо ҳастӣ ва дар ту ҳама ҳастӣ, ҳама таърихи мо, ҳама хуҷастагиҳои падарони мо таҷассуми ҷовидона ёфтаанд!

**Симои ту, Наврӯз,** симои халқи мост, симое покиза, мубарро, фарзона, ошиқона, зебо ва дилпазир!

**Наврӯз!** Ту бемаргии миллати моӣ!!!

**Наврӯзи оламафрӯз!** Эй раҳнамои инсонҳо ба ягонагӣ, ба сулҳу дустӣ, ба бародариву баробарии ҳама сокинони рӯи Замин, сарфи назар аз қавму ирқу нажоду дин! Эй намунаи баландтарин фарҳанги ягонагии инсоният! Раҳнамои мо бош! Моро ҳидоят кун, ки фарзандони як хонавода дар рӯи Замин бошем!

Инак, суннатҳое, ки симои туро рӯнамо мекунанд:

**- Наврӯз!** Ту оғоз меёбӣ, бо об задан, об пошидан бар дари хона, бар қудуми дӯстон, об пошидан ба рӯи ҳамдигар, зеро об рӯшноист, об покизагист, об таровати ҳастии мост! Мо кишвари обҳои зулол ва дилҳои саршор аз муҳаббатем! Бигзор ин диёр ҳамеша шодоб аз оби рӯву оби ҷӯ бошад!

**- Наврӯзо!** Нахустсуннати ту хонатаконист, покиза кардани худ, хонаи худ, кӯчаи худ, деҳаи худ, меҳани худ, олами худ, яъне ту паёми покизагонӣ!

**- Ту зодаи субҳидамӣ, Наврӯз!** Субҳи ту мешавад оғоз бо паёми гули барф, бо паёми гулҳои наврӯзӣ, бо мубаракбодиҳои кӯдакон, ки ба ҳар хона пайғоми гули баҳор меоранд! Дуруд бар ту, эй паёми сарсабзиву шукуфоӣ!

**- Аё, Наврӯз!** Ту меоӣ бо пираҳани садрангу мунаққаши худ ва мо мебароем бар пешвозат бо пӯшидани либоси нав, либоси тоза, бо ороишоти баҳорӣ, бо зебу зинати идона! Хушо, эй пайку паёми зебоӣ!

**-Наврӯз!** Ту айёми зиёрати рӯҳи гузаштагонӣ! Мо ба оромгоҳҳо меравем, ба рӯҳи гузаштагон салом мебарем, ибодатҳо мекунем, марқадашонро тозаву озода месозем! Наврӯз, ту рамзи арҷгузорӣ ба рӯҳ, одоб ва суннатҳои гузаштагонӣ!

**- Наврӯз!** Ту ҳафтгонии муқаддаси моӣ: ҳафт шин, ҳафт син, ҳафт авранг, ҳафт айвон, ҳафт хон, ҳафт амшосипандонҳафт фариштаи бузурге, ки нигаҳбони туянд! Ин аст, ки шукӯҳу тантанаи ту то ҳафт осмон дурахшон аст!

- Бо фаро расдани ту, Наврӯз, шири сафед менӯшанд, то дар соли нав бо сафедиҳо ёр бошанд! Хонаҳоро сафед мекунанд, зарфҳоро то сафед шудан мешӯянд, ба китфи ҳамдигар орди сафед мепошанд. Ту паёми сафедиҳоӣ, Наврӯз!

**-Биё, Наврӯзи хуҷастаниҳод,** ки бо ту на танҳо шабу рӯз баробар мешаванд, балки суннатҳои волои ту одамонро ба ҳамдигар баробар ва бародар мекунанд!

**- Биё, Наврӯз!** Эй пирӯзии нур,пирӯзии рӯшноӣ! Бо ту афзунтар мешавад нур дар дунё, дар дилҳо ва пайваста ҳамаро фаро мегирад. Ба дидаву дилу ҷон, ба хонаҳои мо паёми рӯшноӣ биёвар, Наврӯз!

**- Эй хуҷастатарин рӯз - рӯзи бахшидани гуноҳон!** Рӯзе, ки душманон бо ҳам дӯст мешаванд, кинаро аз дил мезудоянд, хусуматро фаромӯш мекунанд! Дар рӯзи Наврӯз "не" гуфтан савоб нест! Ва ин волотарин суннати инсонист, ки такя ба оинҳои ҷавонмардӣ дорад!

**- Бигзор дар гулханҳои ту, Наврӯз,** ҷаҳл, қаҳр, ғазаб сӯзонда шаванду ишқ, меҳр, шодӣ фурӯзон гарданд!

**- Ниҳоят, Наврӯз!** Ту рӯзи киштани тухмҳои умеду донаҳои армон ба заминҳои Ватан, ба полезҳои вуҷуди моӣ, зеро ҳамроҳи ҳар тухму донае, ки кишта мешавад, орзуву ниятҳои неки одамон низ кишта мешаванд, то фардо ҳосили ризқу рӯзии мардум ба бор ояд!

**Биё, Наврӯзи саршори муҳаббат!** Салому паём ва муҳаббати моро бипазир, моро ҳидоят кун, то ба баландои Наврӯз бароем, ба Офтобу Замин саҷда орем, аз баландии Наврӯз дуруд фиристем ба чор самти олам: бар Шимолу Ҷануб, бар Шарқу Ғарб! Бо дили шоду рӯҳи озод парчами озодагон ва некманишонро дар баландои ту сарфароз гардонем!

Ба тамоми мардуми олам паём фиристему бигӯем: биёед, бо Наврӯз бошем, яъне бо покӣ, бо некӣ, бо хайрхоҳиву озодагӣ!

**Биё, Наврӯз,** бо нафасҳои аҳуроии худ, бо нерӯи покиву ростӣ ва меҳру оромиш моро аз газанди бадхоҳон дур намо!

**Биё, эй ҷашни ростон!** Мо бо ту меситоем пиндори нек, гуфтори нек, кирдори некро! Бо ту меситоем ростиро! Ростӣ беҳтарин некист, хурсандист! Чунин бод ва чунинтар бодо!

**Биё, Наврӯзи ҷонбахш,** Наврӯзи озодӣ, Наврӯзи Истиқлоли тоҷикон-армони ҳазоронсолаи мардуми хайрхоҳу башардӯст!

**Биё, эй наҷотбахш!** Эҳёи дубораи ту, эҳёи навини миллати мо, истиқлолу озодии ин халқи куҳанбунёду навофарин муборак бод!

**Марҳабо, Наврӯз!** Марҳабо, эҳё! Ба кишвари некону некманишон, ба кишвари озоди озодагон, ба ин биҳишти Замин, ба ин гулистон, ба ин дилистон, ба зодгоҳи худат, ба Тоҷикистон!

**Марҳабо, Наврӯз!!** Фархунда бошу хуҷаста, Наврӯзи Ориён, Наврӯзи Тоҷикистон!!!

**КАМОЛ НАСРУЛЛО,**
*Шоири халқии Тоҷикистон*

# НАВРӮЗИ АҶАМ

**Ҷашни Наврӯзи Аҷам аз комилтарину машҳуртарин ҷашнҳо аст, ки дар байни мардумони олам аз қаъри асрҳо то кунун эътибору манзалати худро ҳифз кардааст, зеро Наврӯз аз рӯзи аввали ҷашнвора эълон гаштанаш ба худ хусусияти фаромилливу фароқавмӣ касб намуда, аз марзҳои фарҳангии мардумони эронтабор фаротар рафт ва қисми ҷудонопазири фарҳанги ҷаҳонӣ дар қаламрави инсонӣ гаштааст.**



**НАВРӮЗ** дар баробари муқаддасоти мазҳабӣ, ки дар масири таърих ба он илова шуданд, монанди дигар ҷашнҳои миллии тоҷикон бо падидаҳои табиӣ дар пайванди мустақим ва ногусастанӣ қарор дорад. Аз ин рӯ Наврӯзро ҷашни табиат гуфтаанд, зеро дар робитаи мустақим бо гардиши Замин ба даври Офтоб буда, рӯзи аввали моҳи Фарвардин маҳсуб меёбад ва ба қавли донишмандони пешин **"расидани Офтоб бо нуқтаи аввали Ҳамал ва ибтидои баҳор аст"**. Болотар аз ин ҷашни мазкур аз муқаддасоти оинӣ низ бархӯрдор аст. Мутобиқ ба эътиқодоти бостонии мардуми мо одоби ин ҷашн бар асоси ангезаи накӯдошт ва посдорӣ аз муҳити зист бино ёфтааст.

Аслан мафҳуми Наврӯз аз забони суғдӣ гирифта шуда, бо истилоҳи **"навсард"** ё **"нувсард"** дар пайванд мебошад ва маънои он **"Соли нав"** аст. Ин калима дар забони авастоӣ бо лафзи **"Сарзе"** бо маънои **"Соли хуршедӣ"** омадааст. Ба қавли баъзе аз муҳаққиқон асли паҳлавии ин калима **"нук руҷ"** ва ё **"нӯг рӯз"** будааст.

Дар баёни сабабҳои баргузории ҷашни Наврӯз низ андешаҳои бисёре ба майдони баҳс дохил шудаанд, ки ҳар кадоми онҳо дар ҷойгоҳи хеш аз эътибори хосса бархӯрдор мебошанд. Ба қавли баъзе аз муаррихон дар охирин рӯзи соли кабиса Ҷамшед подшоҳи пешдодӣ баъд аз анҷоми як силсила ислоҳоти иҷтимоӣ бар тахти заррин нишаста, фосилаи байни Дамованд то Бобулро дар як рӯз тай менамояд, ки он рӯз **"ҳурмуздрӯз"**-и аз фарвардинмоҳ ба шумор мерафт. Дар асоси дастури Ҷамшед ин рӯзи сари сол ҷашн гирифта шуда, ба он "Наврӯз" номгузорӣ мекунанд. Ба андешаи Абӯрайҳони Берунӣ Наврӯз **"нахустин рӯз аз фарвардинмоҳ ва з-ин ҷиҳат "рӯзи нав" ном кардаанд, зеро ки пешонии Соли нав аст, он чи паси ӯст, аз ин панҷ рӯз ҳама ҷашнҳост"** (ат- Тафҳиму-л-авоили санату-л-танҷим, с.253).

**Умар Ибни Иброҳими Хайём** низ дар "Наврӯзнома"-и хеш, ки дар кашфи ҳақиқати Наврӯз навишта шудааст, таъкид месозад, ки **"сабаби ном ниҳодани Наврӯз он будааст, ки чун бидонистанд, ки офтобро ду давр буд, яке он ки ҳар сесаду шасту панҷ рӯзу рубъе аз шабонарӯз ба аввали дақиқаи Ҳамал боз ояд, ба ҳамон вақт ва рӯз, ки рафта буд, бад-ин дақиқа натавонад омадан.**

**Чи ҳар сол аз муддат ҳама кам шавад ва чун Ҷамшед он рӯзи аввали мулуки Аҷам ба подшоҳӣ биншаст, хост, ки айёми сол ва моҳро ном ниҳад ва таърих созад, то мардумон онро бидонанд. Бингарист, ки он рӯзи бомдод офтоб ба аввали дақиқаи Ҳамал омад, мубадони Аҷамро гирд кард ва бифармуд, ки таърих аз ин ҷо оғоз кунанд. Мубадон ҷамъ омаданд ва таърих ниҳоданд ва чунин гуфтанд мубадони Аҷам, ки доноёни рӯзгор буданд, ки Язди таборак дувоздаҳ фаришта офаридааст. Аз он чаҳор фаришта бар осмонҳо гумоштааст, то осмонро ва ҳарчи андар ӯ аст, аз аҳриманон нигоҳ дорад".** (Наврӯзнома, с. 19).

Ба ҳамин тариқ, аз қисмати аъзами сарчашмаҳои таърихӣ чунин бармеояд, ки поягузори ҷашни Наврӯз шоҳи Пешдодиён Ҷамшед будааст ва ин ҷашн дар вақти таъсиси худ ҳеҷ иртиботе ба дини Зардуштия надоштааст ва фаротар аз маҳдудиятҳои мазҳабӣ мебошад. Болотар аз ин аз ҷашни Наврӯз дар "Авасто" ном бурда нашудааст. Яке аз зеботарин бахшҳои Готҳо дар "Авасто" ҳоти 29 маҳсуб мегардад, ки сарчашмаи чеҳрасозӣ ва намоишноманависӣ дар ин китоб аст. Дар он муколама ва музокираи Зардушт бо Ҳурмузд сурат мегирад, ки муҳокимаҳои Суқрот дар муқоиса бо онҳо берангу беэътибор менамоянд. Баъд аз пурсиши Зардушт аз Ҳурмузд, ки "чӣ гуна буд оғози офариниш? (28:77) тамошохонае барои хонандаи Готҳо барпо мегардад ва гуфтугӯҳои миёни Ҳурмузд ва нақшофаринони гетӣ ба гӯш мерасад. Шеваи ҳунармандии Зардушт дар саволу ҷавоб як навоварӣ дар адабиёти дунё буд, ки дар таърихи афкори фалсафии ҷаҳонӣ намунабардориҳои зиёде аз он анҷом гирифтааст.

Дар доираи ин гуфтугӯ Зардушт аз Ҳурмузд савол мекунад: "Ин динро нахуст ба чӣ кас намудӣ?" - Ҳурмузд: "Нахуст ба Гивмарт намудам, ки онро дарёфт ва бидуни фарогирӣ ва омӯхтан, ба ёд супорад".

**- Зардушт:** "Чаро ин динро аз роҳи (ваҳм) ба Гивмарт намудӣ ва ба ман аз роҳи гуфтор?"

**- Ҳурмузд:** "Зеро боиста буд ту ин динро биомӯзонӣ ва дигаронро баҳравар дорӣ, аммо Гивмарт касеро намеёфт, ки бипазирад ва бинобар ин аз сухан хомӯш буд".

Ба саволи Зардушт, ки баъд аз Гивмарт ва ё Каюмарс Ҳурмузд динро ба кӣ пешниҳод кард? Дар ҷавоб меорад, ки ба Ҷамшед, Заҳҳок, Фаридун, Гаршосп, Кайораш ва Кайқубод.

**- Зардушт:** Ҷамшед ба ҷаҳон чӣ бадтар кард?

**- Ҳурмузд:** "Чун дин бад-ӯ намудам, напазируфт",

Ба қавли Ҳурмузд замоне, ки вай Ҷамшедро ба дин даъват месозад, Ҷамшед Ҳурмуздро таҳқир намуда, даъвои бемаргӣ ва номирандагӣ мекунад. Аз сабаби ин таҳқир девону одамон ӯро пора-пора месозанд.

Ба ҳамин тариқ метавон хулоса кард, ки дар асоси солшумории куҳан Фарвардинмоҳ дар ҳар сол чанд соат аз мавқеи аслии худ ақиб афтода, дар муддати 1461 сол боз ба ҳамон маҳал, ки нуқтаи эътидол мебошад, боз мегардад. Аз замоне, ки Гивмарт ва ё Каюмарс ҳисоби соли хуршедиро пайдо кард, то саду бисту якумин соли салтанати Ҷамшед ин рӯз ба охир расид ва ин фасли сол ба маҳалли нахустини худ бозгашт.

Қобил ба зикр аст, ки дар хусуси Ҷамшед ақидаҳои бисёре дар китобҳои қадимаи Ҳиндуҳо ва Эрониён вуҷуд дорад ва мутобиқи онҳо падараш Таҳмурасро ном дошта, дар санскрик Ҷамшед бо номи Йама (Jama) ва дар "Авасто" Йима (Jima) омадааст. Лақаби вай дар "Авасто" "хшеата", яъне "дурахшон" хонда шудааст ва ба тадриҷ "йам" ба "ҷам" ва "хшеата" ба "шед" мубаддал гаштааст. Ба таври қатъӣ ва яқинан метавон гуфт, ки Ҷамшед аз подшоҳони муштараки қавмҳои ҳинду эронӣ буда, замони зиндагӣ ва қудрати вай беш аз ду ҳазор сол аз милод тахмин карда мешавад.

*Мувофиқи устураи куҳан чун Аҳриман баракатро аз рӯи замин бурда, шамолро аз вазиш монд то дарахтон хушк шаванд ва наздик буд, ки олами ҳастӣ аз байн равад, Ҷамшед ба амри Ҳурмузд ба ноҳияҳои ҷанубӣ рафта, бо Аҳриман дар ҷанг қарор мегирад. Баъд аз пирӯзии Ҷамшед вазъи иҷтимоии мардум хуб шуда, кишвар ба ҳолати фаровонӣ бармегардад. Ҷамшед дар ин рӯз ба мисли офтоб тулӯъ карда, аз вай нур меборад. Мардум аз тулӯи дувуми хуршед тааҷҷуб карда, бо як садо мегӯянд: "Инак, рӯзи нав", яъне Наврӯз шуд:*

***Сари Соли нав,***
***Ҳурмузд фарвардин,***
***Бар осуда аз ранҷ тан,***
***дил зи кин.***
***Ба Ҷамшед бар гавҳар***
***афшонданд,***
***Мар-он рӯзро "Рӯзи нав"***
***хонданд.***



Ба ҳар ҳол ҷашни Наврӯз баъд аз зуҳури оини авастоӣ илова ба решаи мифологӣ ва асотирӣ, ки ба достони Ҷамшед боз мегардад, решаҳои дигаре дар эътиқодоти мазҳабии мардум низ пайдо мекунад, ки намунаи он сипосу ситоиш ба даргоҳи Ҳурмузд мебошад.

Расму оин ва одоби баргузории ҷашни Наврӯз низ дар бисёр матнҳои куҳан бо ривояту далелҳои таърихнигорон хеле дилчаспу зебо баён шуда, аз расми иҷрои он метавон асолати ҳузури ин оинро дар байни гузаштагони тоҷикон дарёфт намуд.

**Абӯрайҳони Берунӣ** дар "Осору-л-боқия" овардааст, ки "аз одоби ҷашни Наврӯз ин буд, ки дар саҳни ҳар хона бар ҳафт сутун рақам ғалла мекоштанд ва ҳар як аз онҳо, ки мерӯид, онро далели тараққии он навъ ғалла дар Соли нав медонистанд".

Ба ибораи дигар аҷдоди тоҷикон чанд рӯз қабл аз поёни соли куҳан ба хонатаконӣ ва таҳияи либоси наву сабз кардани ғалладонаҳо аз қабили гандум, ҷав, нахӯд, биринҷ, кунҷид, лӯбиё ва ғайра машғул мешуд. Амали мазкур аз ҷониби "Авасто" низ дастур шуда буд, зеро мутобиқи он рӯҳу равони мурдагон ва фариштагон (фраваҳрҳо) дар рӯзҳои фарвардинмоҳ ба хонаҳои худ боз мегарданд. Аз ин рӯ бояд мардум хонаҳоро пок кунанд ва фаршу қолинҳои пок густурда, хӯроку хӯрданиҳои хуштамъу бомазза ва иштиҳоовар ниҳанд ва аз онҳо хуранд, то рӯҳи мурдагон аз бӯй ва нерӯи он қувват гиранд.

Мувофиқи расму одоби Наврӯз чунин буд, ки пеш аз фаро расидани Соли нав ҳамагон ба гармоба рафта, сипас равғани "бон" ба тани хеш мемолиданд ва эътиқод доштанд, ки ин равған барои хосияти дорӯӣ доштан саломатии онҳоро дар муддати як сол кафолат медиҳад.

Шаби аввали сол бояд ҳама хонаҳо бо шамъ равшан карда мешуд ва чанд соат қабл аз гусели Соли куҳна ва пешвози Соли нав аҳли хонавода ва дар маҷмӯъ мардум саропо либоси нав мепӯшиданд ва дар атрофи "суфра" ё "хонча", ки дар даврони Сосониён бо номи суфраи ҳафтшин шуҳрат дошт, ҷамъ меомаданд. Ба ҷумлаи ҳафтшин инҳо дохил мешуданд: шамъ, шароб, ширинӣ, шаҳд (асал), шамшод, шарбат ва шақоиқ. Ҳафт хӯрок, ки дар хони наврӯзӣ мениҳоданд, дар зарфҳои чинӣ, ки аз Хитой ворид мегаштанд, чида мешуданд. Ба ҳамин сабаб ба сурфаи наврӯзӣ дар баъзе ҳолатҳо "ҳафтчин" низ мегуфтанд.

***Як нуктаро бояд таъкид созем, ки ҳафт шин дар даврони ислом тағйир ёфта, ранги дигар гирифт ва миқдори он ба 12 бурда шуд: китоби муқаддас, оина, шамъдон, обу моҳӣ, тухми мург, испанд, суманак, себ, санҷид, сабза, сир, сикка, ки маънои зерин доранд:***



**1.Китоби муқаддас:** зардуштиён низ "Авасто"-ро ба хони наврӯзӣ мегузоштанд.

**2.Оина:** равшанӣ ва воситаи таҷаллии анвори Аҳурои офтоб.

**3.Шамъдон:** рамзи созиш ва сӯзиш, субот ва нурбахшӣ.

**4.Обу моҳӣ:** рамзи баракат ва зиндагӣ. Моҳӣ рамзи Исфандмоҳ низ аст.

**5.Тухми мурғ:** рамзи зоиш ва борварӣ.

**6.Испанд.** Дар суфраи наврӯзӣ зардуштиён ба нияти саломатӣ ва дармонбахшӣ мегузоштанд.

**7.Суманак:** рамзи зоиш ва борварии гиёҳҳо.

**8.Себ:** ин мева аз сабаби он ки дар тафаккури динӣ (яҳудӣ, насронӣ) меваи биҳиштӣ аст дар андешаи эронтабориён низ қабул шуд.

**9.Санҷид:** рамзи ишқ ва дилбохтагӣ.

**10. Сабза:** рамзи шодобӣ ва сарсабзӣ ва нишонгари зиндагии башарият ва пайванди ӯ бо табиат.

**11. Сир:** зиндагӣ ва рамзи шодобӣ.

**12. Сикка:** рамзе аз Амошсипанди шаҳривар (нигаҳбони фулузот) аст ва ба нияти баракат ва даромади зиёд интихоб шудааст.

Мутобиқи расму оини кӯҳан агар ҳангоми гусели Соли кӯҳна ва пешвози Соли нав аҳли хонавода дар хонаи худаш дар атрофи сурфаи ҳафтшин набошад, то соли дигар аз хонааш овора хоҳад буд.

Дар ин лаҳзаҳои муқаддас дастархони наврӯзӣ бо дуо боз мешуд. Аломати гусели Соли кӯҳна ҷунбиши барги сабз дар рӯи об ва бо навохтани табла эълон мешуд. Падару модар ба фарзандон ва хидматгорон туҳфаҳои идонаи худро тақдим мекарданд. Аз хӯрокиҳо дар ин рӯз палавмоҳӣ, мурғпалав, риштапалав ва ё оши ришта бурида пухта мешуд.

Дар дарбори шоҳон низ ҷашни Наврӯз ба мисли мардуми омма пешвоз гирифта мешуд. Дар ин рӯз либоси дарбориён шакли хосае дошт ва дар тамоми маросими Наврӯз бо ин либоси расмӣ зоҳир мешуданд ва ҳадяҳои гуногунро аз сар то сари мамлакатҳои тобеи худ қабул мекарданд.

**Умари Хайём** дар ин хусус чунин овардааст: *"Оини мулуки Аҷам аз Кайхусрав то рӯзгори Яздигурди шаҳриёр охарин мулуки Аҷам буд, чунон будааст, ки рӯзи Наврӯз нахуст мубадони мубад, пеши мулук омада, бо ҷоми заррини пурмай, ангуштарӣ, дираме ва динори хусравонӣ як даста хавиди (ғаллаву сабзаҷот) сабз ва руста, шамшере тиру камоне, давоту қаламе, аспе, бозе, гуломе ва хубруе ситоиш намудӣ ва ният кардӣ ӯро ба забони порсӣ. Ба иборати ишон ва чун мубадони мубад аз охирин пардохтӣ ҷошани кардӣ (чашидан) ва ҷом ба малик додӣ ва хавид дар дасти дигараш ниҳодӣ ва динору дирам дар пеши тахти ӯ бинҳодӣ ва бад-ин сон хостӣ, ки рӯзи Наврӯз ва Соли нав, ҳарчи бузургони аввал дидор бар он афкананд, то соли дигар шодону хуррам бо он чиз дар комронӣ бимонанд".*

Зери мафҳуми "хубрӯе" Умари Хайём шахсеро дар назар дорад, ки номи дилписанде дошта, ба некӯкорӣ маъруф буд ва сурату зоҳири хеле зебо ва забони шевову ширин дошт. Вай ба дарбор омада, иҷозати ворид шуданро савол мекард. Подшоҳ аз кӯҷо будан ва ба кӯҷо равона шудани ӯро мепурсид ва иҷозати дохил шудан медод.

Он шахс посух медод, ки "аз сӯи ду ҷой, ки хайру баракат ва саодат дар он ҷо аст, меоям ва мехоҳам ба ҷое, ки саодат ва баракат вуҷуд дорад, биравам ва касе, ки пирӯз аст, маро ба ин ҷо овардааст. Номи ман Хуҷаста аст бо Соли нав омадаам ва барои подшоҳ армуғони саломат паём овардаам".

Ин шахси хушқадам дар фарҳанги қадима бо номи "Фирӯз" ва ё "Мири Наврӯз" маъруф буд, ки дар айёми ҷашн ҷомаи сурхи арғувонӣ ба бар мекард ва чеҳраи сиёҳ дошт. Чеҳраи сиёҳ рамзи талхиҳо ва сиёҳиҳои рӯзгор буда, ҷомаи сурх маънои шодӣ ва сурурро дошт. Дар дасти ӯ доирае буд, ки маънои он "доираи зиндагӣ" буд. Вай армуғони осмонир аз ҳафт фуруҳар ва ё фариштаи осмонӣ, ки дар айёми Наврӯз ба шеваи рамз мутаҷаллӣ мешуданд, ба подшоҳ ва мардум мерасонд.

Баъд аз шодбошӣ дар назди шоҳ як тангаи нуқра ва ё тиллоро, ки дар атрофи он ҳафт ғаллаворӣ қарор дошт, мегузошт. Донаҳое, ки дар таҳияи нон дохил мешуданд, дар атрофи онҳо чида шуда буданд. Дар байни ҳафтшин шохае аз зайтун ё анор ҷой дода мешуд. Ҳар як шохаҳо дорои шаддаҳо буда, ҳар кадоми шохаҳо номи яке аз кӯзаҳои холӣ ба худ дошта буданд ва ин кӯзаҳое буданд, ки Мири Наврӯз бо ҳамроҳи худ онҳоро ба дарбор оварда буд.

Мири Наврӯз хӯрданиҳоро аз сурфаи ҳафтшин мехӯрд ва сипас барои саломатӣ ва иззати шоҳ дуо мекард. Дар бисёр аз матнҳои кӯҳан аз Мири Наврӯз номбар шуда, ӯро шахси мазҳакабоз ва масхарабоз низ меномиданд. Ҳангоми наздики шоҳ омадан вайро ҳатман ба тахт мешинонданд ва дар айёми Наврӯз вай ба салтанати чандрӯза мерасид. Ба иборан дигар шоҳ дар рӯзҳои наврӯзӣ қудрати давлатдориро ба дасти Мири Наврӯз медод.

Мири Наврӯз аз оғози ҷашн то рӯзи "Сездаҳ бадар" дар намоиши "шоҳбозӣ" иштирок карда, аз фаъолияти нодурусти шоҳ ва дарбориён ба тариқи масхара баён мекард, то дар Соли нав онҳо атрофи ин иштибоҳоти хеш фикр кунанд. Муҳимтарин ҳадафи аз "шоҳбозӣ" пандомӯзии шоҳ ва дарбориён буд:

***Сухан дар парда мегӯям,***
***чу гул аз гунча берун ой.***
***Ки беш аз панҷ рӯзе нест,***
***ҳукми Мири Наврӯзӣ.***

Мири Наврӯзӣ ба як даст худро бод медод ва дар дасти дигар бози сафед ва дар бар шамшер мегирифт. Ин намоиши бозгашти Мири Наврӯзӣ аз набард ва шикаст додани душманон буд. Мардум ӯро бо таблу карнай пешвоз мегирифт.

Мутобиқи эътиқодоти бостонӣ Мири Наврӯзӣ то поёни "сездаҳ бадар", ки рӯзи охирин ҷашни Наврӯз аст, дар шаҳру деҳот гашта, ҳукумат мекард ва камбудиҳои мавҷударо ба саҳнаи мазҳакаи Наврӯзӣ мекашонд. Вай роҳбарон ва кормандони давлатиро ба адлу инсоф ва покиву садоқат даъват мекард.

Мири Наврӯзӣ ба ҳар хонае, ки мехост ворид мешуд, зеро дари мардуми орийӣ ҳамеша барои меҳмон боз буд. Ба ҳар хонае, ки мерафт, бояд соҳиби хона ба ӯ ҳадяе медод ва ба таноби дасташ туҳфае овезон мекард.

Дар ин айём агар духтари бахтбаргашта дар хонае мебуд, бо наздик шудани Мири Наврӯзӣ ба он хона, духтар дар утоқе пинҳон шуда, гиреҳҳое бар миёни (чорқади) хеш мезад. Модари духтар аз хона берун омада, кӯдаки ноболиғеро аз ҳамроҳону корвони Мири Наврӯзӣ ба дохили хона мебурд, то он гиреҳҳоро кушояд. Ин худ рамзи кушоиши бахти духтарон буд. Дар ин рӯз духтарони ба балоғат расида аз Аҳурамаздо дуо талаб мекарданд, ки бахташон сафед ва соҳиби хонадони босаодат гарданд.

Мувофиқи эътиқоди кӯҳан аввалин касе, ки дар бомдоди иди Наврӯз бояд ба хонаҳояшон ворид мешуд, ин марди хушқадам буд. Вай баъд аз ворид шудан бояд дубора аз дари хона берун мешуд ва аз нав ба хона боз мегашт. Далели ин расму оин аз он иборат буд, ки дар фарҳанги гузашта мардон таъминкунандаи рӯзгори хонавода ва рамзи рӯзиву баракат маҳсуб мешуданд. Пас вуруди онҳо нишонаи ин буд, ки то поёни сол рӯзӣ ва хайру баракат дар ин хона бошад. Саҳнаи рафтани мард ва дубора бозгаштани вай ба хона низ рамзе аз рафту бозгашти ризқу толеъ ба хонадон аст. Ба иборан дигар бо ин рафтори рамзӣ то поёни сол рӯзӣ ва хайру баракат аз ҳамон даре, ки мард медорояд меояд, меравад ва боз мегардад.

Ҳамчунин дар оғози рӯзи ҷашн шоҳон дар дарбори хеш аз намояндагони тамоми қишрҳои ҷомеа истиқбол ба амал меоварданд. Дар ин рӯз шоҳ ба ҳеҷ кас ҳукм намекард ва ба фармоне ба ҷуз дар таъмини хостаҳои мардум содир намесохт. Ба қавли Абӯрайҳони Берунӣ дар "рӯзи дуввуми фарвардин деҳқонон ва хидматгузорони оташкадаҳо ба ҳузури шоҳ бор меёфтанд ва рӯзи саввум борёбии мубадон буд".

Хешу табори шоҳ, роҳбарони воломақом ва фармондеҳони артиш дар рӯзи чаҳорум ба назди вай даъват мешуданд. Аъзои хонадон ва фарзандону наздикони шоҳ дар рӯзи панҷум ва дидори шоҳ ва пазироии Наврӯз мерафтанд. Рӯзи шашуми Наврӯз шарафёбии надимон ва мушовирон аз дарбор буд.

Аз бомдоди иди Наврӯз то шомгоҳи дувоздаҳуми фарвардин аъзои оила ба дидори якдигар мерафтанд. Хурдҳо ҳатман аз аҳволи бузургони хона бохабар мешуданд ва калонсолон дар навбати худ ба онҳо туҳфаҳо тақдим мекарданд.

Қобил ба тазаккур аст, ки ба хусус дар гаҳвораи зуҳури тамаддуни орийӣ ва наврӯзӣ дар



шаҳри Балх (бисткилометраи Мазори Шарифи Афғонистон) дар анҷумангоҳи "Навбаҳор" дирафши Ковиёнӣ барафрохта мешуд. Сарбозон бо парчамҳои ифтихорӣ ва пирӯзиву ғалабаҳои хеш вориди анҷумангоҳи "Навбаҳор" мешуданд ва дар канори Дирафши Ковиёнӣ пойкӯбӣ мекарданд.

Чӣ тавре ки қаблан зикр сохтем, поёни Наврӯз дар рӯзи сездаҳуми моҳ бо ҷашни "Сездаҳ бадар" ба охир мерасид. Дар ин рӯз тамоми мардуми шаҳр ба кӯҳу пушта рафта, дар байни гулҳову марғзорҳо истироҳат мекарданд. Дар он рӯз, ки бо номи Эзиди Тиштар - оварандаи борон номгузорӣ шудааст ва рӯзи муқаддас маҳсуб мегашт, мардум, ба хусус аз моҳӣ ва сабзавот хӯрок омода мекарданд. Дар давоми ҳамин рӯз сабзаҷоти суфраи идонаи Наврӯзро ба унвони ҳадя ба Аноҳито ба об меандохтанд, то сол аз аввал то охираш дар кишвар сарсабзу хуррам боқӣ монад.

Мувофиқи асотири мавҷуда дар ин рӯзи муқаддас аввалин одамони рӯи замин Машиё ва Машиёна издивоҷ кардаанд, ки онҳо аз нутфаи Каюмарс дар замин рӯида буданд. Дар асоси эътиқодоти кӯҳан Аҳурамаздо дар марҳилаи аввалини офариниши навъи башар Каюмарсро офарид. Каюмарс ва ё Гивмартнамуна ва истиорае аз нахустин инсон дар рӯи замин мебошад. Дар фарвардиняшти 87 аз китоби "Авасто" омадааст, ки **"фараваши (равону рӯҳ) Гивмарти ашаванро (порсоро) меситоем. Нахустин касе, ки ба гуфтор ва омӯзиши Аҳурамаздо гӯш фаро дод ва аз ӯ хонаводаи сарзаминҳои Эронӣ ва нажоди Эрониён падид омад".**

Каюмарс муддати сӣ сол дар саросари ҷаҳон гардиш намуда, дар миёни кӯҳу дашт рӯзгори хешро сипарӣ мекард. Вай дар рӯи замин подшоҳи гулҳо буд, зеро дар он марҳилаи офариниш дигар ҳеҷ мавҷуде ба ҷуз аз гулҳо офарида нашуда буданд. Пас аз сӣ соли подшоҳӣ бар гулҳо ва табиат ҳангоми марг аз салби вай нутфае хориҷ шуд, ки баъд аз тасфияву поксозӣ тавассути офтоб ва аз газанд олоиш ёфтан дар домани хок ва дар раҳми замин ҷой гирифт. Пас аз чиҳил сол ин нутфа дар гули шакли ишқдарпечон мерӯяд ва дар рӯзи Меҳррӯзи Меҳрмоҳ онҳо ба сурати инсон даромада, аз онҳо аввалин ҷуфти марду зан падид меояд, ки мувофиқи устураи оини Меҳргон (митраизм) бо номи Машиё ва Машиёна хонда мешаванд.

Ин ду гули ишқи дарпечон ва аввалин инсонҳои рӯи замин баъд аз панҷоҳ сол, яъне дар рӯзи сездаҳуми фарвардинмоҳ ба ҳам издивоҷ мекунанд. Чун дар он замон меҳваре ҳамчун қоидаи издивоҷ набуд, онҳо ду гиёҳро ба рамзи пайванди сабзу муборак миёни хеш гиреҳ дода, онро нишони пайванди заношӯӣ қарор дода буданд.

Аз ҳамон рӯз шурӯъ карда, ин расм ҳамчун оин ба ёдмон аз нахустинсонҳо - Машиё ва Машиёна дар байни мардумони табори мо боқӣ монд. Ҳамчун рӯзи муқаддас мардум дар 13-уми фарвардинмоҳ ба кӯҳ мерафтанд ва он оинро иҷро мекарданд.

**Асли мақсади тамоми ин мероси бузурги фарҳангии Наврӯзӣ - парвариши ҳаёт дар домони табиат ва Модар - Замин аст, ки онро мо бояд муқаддас дорем.**

Абдулвоҳид ШАМОЛОВ

Минбари халқ
16 марти соли 2016,
№11 (1043)

*Базми гул дар чамани Наврӯз аст,*
*Даври гул-гулфикани Наврӯз аст.*

# Фазилатҳои инсонгароии НАВРӮЗ

*Наврӯз ё ба забони шуғнӣ Хидирайём (Иди Бузург) миёни мардуми Тоҷикистон, аз ҷумла, Бадахшон аз маҳбубияти том бархӯрдор аст, зеро он қадимтарин ва бузургтарин, азизтарин, маъруфтарину машҳуртарин ҷашни мардумӣ маҳсуб мегардад. Наврӯз ҳамчунон азизу муътабар аст, ки ҳангоме "баҳор" бигӯем, Наврӯзро дар назар дорем.*

**НАВРӮЗ** оғози баҳор мебошад, зеро барои мардуми мо даромади соли нав овони сохтани тарҳҳои тоза дар соли навин, айёми орзуҳои неку андешаҳои созанда маҳсуб мегардад. Наврӯз ба мардум дар зиндагӣ рӯҳу илҳоми тоза мебахшад, ноумедию рӯҳафтодагиро аз дилҳо мебарад ва инсонро ба зиндагӣ дилгарм месозад.

Беҳтарин фазилати Наврӯз одамгароист. Ин ки дар арафаи Наврӯз мардум аввал хонаро метаканд, пасон ҳавлӣ, боғу роғро поку тамиз мекунанд, ҳама медонад. Дар Наврӯз то арафаи ид аз ниҳоду сиришт, аз дили худ дур андохтани кину адоват ва тамоми хислатҳои бад шарти асосист! Барои ҳамин инсонгароӣ хубтарин фазилати Наврӯз аст, яъне дар баробари такидану тоза намудани хона пок сохтани дили худ - хонаи қалб аз кулли хисоли бад зарууртарин кор ва муҳимтарин вазифаи одам дар истиқболи Хидирайём аст! Пас набояд мо ин вазифаи худро аз ёд бибарем. Вақте инсон ба остонаи Наврӯз қадам мениҳад, қалбаш мисоли ойина пок бошад ва дигар нагузорад, ки ғуборе ба он бинишинад. Дигар фазилати Наврӯзи оламафрӯз хушгуфторист:

***Аз хушсуханӣ дили касе реш нашуд,***
***Бо хушсуханон касе бадандеш нашуд.***

Сухани дурушту қабеҳ, гуфтори нохуш дар айёми Наврӯз ҷоиз нест. Аз ин ҷо Наврӯз пеши мо шарт мегузорад, ки бо даромади соли нав барои ҳамеша аз дурушттгӯӣ парҳез намоем. Наврӯз намегузорад, ки ҳатто андешаи баде дар сар дошта бошем. Фазилати Наврӯз ин аст, ки аз гуфтори бад, кирдори бад, пиндори бад абадан даст кашем, зеро аксари бадбахтиҳои инсон аз ҳамин хислатҳои манфӣ рӯ мезананд. Маҳз ба ин хотир риояи ин шарти Наврӯз бисёр зарур ва ҳатто ҳатмист! Яъне Наврӯз барои одам, ба хотири хушбахтии одам ин шартро пеш овардааст, ҳар қадар инсон дар ботлоқи гуфтору пиндору гуфтори бад фурӯ равад, ба он андоза бадбахт мешаваду раҳгум мезанад.

Аз фазилатҳои беҳтарини Наврӯз сулҳу оштӣ кардан миёни одамони ногап аст. Дар остонаи Наврӯз солдидагони обрӯманд ба миёна медароянд ва одамони қаҳриро бо ҳам оштӣ мекунанд. Ба замин мондани сухану андарзҳои мӯйсафедон беҳурматӣ ҳисобида мешавад. Оштӣ набояд саризабонӣ ва як навъ расмӣ, балки сидқӣ бошад, яъне аз гуноҳи ҳамдигар даргузаштан ва айби якдигарро сидқан бахшидан фазилати бузурги Наврӯз аст. Оне, ки кину кудурат дар дил нигоҳ медорад, худ ба сари худ бадбахтӣ меорад. Ин адоват боз рӯзе сар мебардорад ва балое дар пай меорад. Наврӯзи бузург аз ин кор ҷилавгирӣ менамояд, ки боз инсонгароии онро рӯнамоӣ мекунад. Шаке буда наметавонад, ки яке аз омилҳои ҷаҳонӣ шудани Наврӯз инсонпарастии он мебошад.

Илм собит кардааст, ки пайдоиши Наврӯз ба ҳазорсолаҳои пеш аз милод рост меояд. Дар замонҳои қадим, тавре маъхазҳои илмиву адабӣ ишора мекунанд, яке аз фазилатҳои аҷоиби Наврӯз ин будааст, ки дар ҳар яке аз рӯзҳои Наврӯзи омма қишре аз табақаҳои мардум (деҳқонон, рӯҳониён, сипоҳиён, пешоварон ва ашрофзодагон) ба ҳузури шоҳ меомаданд, арзу ниёзи худро мегуфтанд ва шоҳ баҳри бартараф намудани мушкили мардум чора меандешид. Амирони сулолаи Сомониён низ ин анъанаи аҷдодиро риоя мекардаанд. Арҷгузорӣ ба мақому манзалати инсон бузургтарин ва хубтарин фазилати Наврӯз аст, дар ин замина таъкиди Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ҷолиб аст: "Мутобиқи устураи бостонии мардумони ҳавзаи фарҳангии Наврӯз дар рӯзи шашуми ҷашн, ки дар солшумории хуршедӣ Хурдодрӯз ном дорад, "Наврӯзи бузург" таҷлил мегардид. Мегӯянд, ки дар ҳамин рӯзҳо асоси андешаи бузургии инсон гузошта шудааст. Ҳамин андешаи арҷгузорӣ ба мақоми инсон буд, ки аввалин маротиба дар ҷаҳон ҳуқуқи башар дар ҳавзаи фарҳангии Наврӯз аз тарафи Куруши Кабир ба ҳукми қонун даромад".

Дар айёми Наврӯз дар Бадахшон боз як анъанаи аҷибе аст, ки он ҳам мартабаи инсонро баланд мебардорад. Дар ин рӯз, агар ҷавони ошиқе тибқи таомули наврӯзӣ дилдодаашро хостгорӣ намояд, талабашро рад кардан мумкин нест.

Наврӯзро кӯдакон хеле дӯст медоранд. Маросими "хонагардак", "килоғузғуз", "лашбозӣ" барои онҳо хеле хушоянд аст ва онҳо бо шавқи беандоза дар ин маросим фаъолона ширкат мекунанд, яъне Наврӯз барои кӯдакон низ имкон медиҳад, ки дар баргузории он аз иштирокчиёни асосӣ бошанд. Бешак, ин ҳам аз фазилатҳои беҳтарини Наврӯз аст.

Дар Наврӯз табрик гуфтани ҳамдигар шарти зарурист. Мо ҳам ин фазилати неки Наврӯзро пайгирӣ карда, ба ҳамаи одамон тани бедарду дили беғам, рӯҳияи наврӯзӣ таманно мекунем:

***Эй ҳусни барозида, Наврӯз муборак бод,***
***Эй ҷону дилу дида, Наврӯз муборак бод!***

**Ҷ. УЛФАТШОЕВ,** *шаҳри Хоруғ*

*Деҳаи ман мисли дигар мавзеъҳои Тоҷикистони азиз манзараҳои зебою дилкаш бисёр дорад. Алалхусус, дар баҳорон зебою назаррабо мешавад. Мардумаш ҳама оддианд, вале меҳнатқарин. Камина маҳз дар ҳамин ҷо ба олами ҳастӣ омадаю ба воя расидаам. Табиист, ки чун як фарзанд нисбати деҳаи азизи худ хотираҳои бисёр аҷиб ва фаромӯшнашуданӣ дорам.*

# БАҲОРИ ЯК ДЕҲАИ КӮҲИСТОН

**ОМАД** - омади баҳору Наврӯзро аз ҳама бештар мо бачагон интизорӣ мекашидем. Зеро маҳз ҳамин фаслу ҳамин ҷашн ба мо шодию сурури бештар мебахшид. Маҳз тавассути омадани ҳамин фаслу ҳамин ҷашн аз сардиҳои зимистони қаҳратун халос мешудем. Маҳз ҳамин фаслу ҳамин ҷашн дашту теппаю кӯҳҳои атрофи деҳаамонро қабои сабз мепӯшонид, гул ба сар мекард ва аз будаш зиёдтар зебою дилангезтар мегардонд. Маҳз ҳамин фаслу ҳамин ҷашн бо ҳар баҳонае одамонро бо ҳам меоварду қаринтар мегардонд.

Мо, бачагон маросимҳои гулгардониро бисёр дӯст медоштем. На барои он ки одамон ҳар гуна инъому туҳфаҳо медоданд, балки бештар суруд мехондем, рақсу бозӣ карда, шодию хурсандӣ менамудем. Ба ҳар хонаю ҳавлие, ки сурудаю рақсида меомадем, соҳиб-



хонаҳо - хурду бузург, зану мард пешвозамон мебаромаданд. Гулҳои аввалини баҳориро аз дастонамон гирифта бо навбат мебӯиданду ба чашму абрӯвонашон мемолиданд. Ҳангоми ин амал "Ту барин беғам шавем", "Поку озода бошем", "Ба солу моҳҳои бисёр бирасем" гуфта орзу мекарданд. Инчунин дуо менамуданд, ки Худованд ҳамаи бандагонашро ба баҳору Наврӯзи нав бирасонад, умри дарозу бобаракат дода, рисқи фаровону иқболи накӯ бидиҳад. Баъд дар ҳар хонаю ҳавлӣ - мувофиқи имконияту дороиашон ба мо тухму гандумбирёну нахӯдбирёни кунҷитдор, пистаю чормағз ва ҳар гуна шириниҳо медоданд. Вақти гулгардонӣ кӯдакони зиёд моро думболгирӣ менамуданд ва ҳангоми аз ҳавлие ба ҳавлии дигар гузаштан сафи онҳо зиёдтар шудан мегирифт. Ҳамин тавр дар кӯчаю гузарҳои деҳа рӯҳияи шодию хурсандӣ танинандоз мегашт, ҳатто то андозае, ки калонсолон ҳам баъзан ҳангоми сурудхониамон ба мо ҳамовоз мешуданд ва ё мерақсиданд.

Тайёрӣ ба таҷлили ҷашни баҳору Наврӯз дар деҳаи мо - Авзикент, ки дар дили кӯҳҳои ҳудуди ҷамоати деҳоти ба номи М. Турсунзодаи ш. Ҳисор воқеъ аст, хеле ҷолибу хотирмон буд. Мардуми деҳа чанд рӯз пеш аз ҷашн гилему кӯрпаҳои худро берун баровардa офтоб медоданд. Бо сафедхок девори хонаҳояшонро аз даруну берун "сафед", яъне пок мекарданд, ки баъди ин аз ҳар хона як накҳати бисёр хуш ва форам ба машом меомад. Рӯзи таҷлили ҷашн мардум либоси идона ба бар карда, аз пагоҳӣ дар ҳамвории болои деҳа ҷамъ меомаданд. Кадбонуҳои пуртаҷриба дар дегҳои калон ба пухтани хӯрокҳои асосан алафӣ мепардохтанд. То лаҳзаи пухтани хӯрок қисме аз пиру барно дар талу теппаҳо сайру гашт мекарданд, қисме аз наврасону ҷавонон гӯштин мегирифтанд, қисми дигарашон ликкакбозӣ (чиликдангал, лику қаҳрибозӣ) мекарданд ё сабқати "зудгӯяк" (бо як нафас ҳар чи қадар, ки имкон аст, ба масофаи дуртар давидан) менамуданд. Ҳамзамон бо инҳо ё баъдтар дар гӯшаҳои дигари майдон хурӯсҷанг, кабкҷанг, тухмбозӣ, қолбозӣ, дастхобкунӣ, бандкашӣ ва монанди инҳо ҷараён мегирифт. Занону духтарон ва ҳатто кампиракон низ ором наменишастанд. Онҳо таҳти садои доираю чанқуз (чангқовуз, лабчанг), рӯйи қолини махмалини сабза месуруданду мерақсиданд. Қисми дигарашон сангчиқилбозӣ мекарданд ё рӯйи матое гулдӯзӣ менамуданд. Махсусан, занону духтарони куртаҳои гулдӯзипӯш ва хилъату камзӯлчаҳои зардӯзипӯш бо рақсҳои мавзуну зебои худ гӯё, ки то кунун пеши назарам ҷилва мекунанд. Ҳамчунин хаёл дорам, ки таъсири ҷаҳиданҳоям аз болои гулхани наврӯзӣ ва тавассути оташи он гӯё халос шуданам аз тамоми камбудию норасоиҳо ва пок гаштанам аз ҳамаи гуноҳҳои соли пешин, то кунун дар вуҷудам боқӣ мондааст...

Чун хӯрок ба пухтан наздик мешуд, садри базм масъулинро ба ородиҳии дастурхонҳои идона даъват мекард. Ин замон ҳар кас ҳар гуна хӯроки овардаашро ба ихтиёри ородиҳандагони дастурхонҳо мегузошт. Дастурхонҳоро аз рӯйи синну сол ва ҷинси иштирокчиён ҷудо-ҷудо ороиш медоданд, вале на чандон дур аз ҳамдигар. Масъулин хӯрданиҳоро рӯйи дастурхонҳо тарзе ҷо ба ҷо мекарданд, ки нафаре ҷӣ овардани нафари дигарро сарфаҳм намерафт. Зиёда аз ин одамон чизҳои овардаи худро ҳам шинохта наметавонистанд, чунки онҳоро дар ҳар ҷойи дастурхонҳо байни хӯрокиҳои овардаи дигарон тақсим менамуданд ё пора-пора карда, дар ҳар ҷойи он мегузоштанд. Мақсади чунин амали дастурхоноройён он буд, ки шахси хӯрокиҳои хоксорона оварда, худро ноҳинҷор ҳис накунад.

Баъди пурра оро ёфтани дастурхонҳо одамон мувофиқи ҷинс ва синну соли хеш гирди онҳо менишастанд. Албатта, пирони рӯзгор ҷойҳои ифтихорӣ доштанд.

Ашё ва хӯрокҳои номашон бо ҳарфҳои "С" (син) ва "Ш" (шин) оғозшаванда, масалан суманак, рӯйи дастурхонҳо ҷойи махсус доштанд. Бо вуҷуди ин, кулчаҳои гуногуншакли қаймоқию ширмол, нонҳои махсус барои тантанаи Наврӯз омодашудаи фатир, чапотӣ, фатирхамир, қотурма, кумоч (ноне, ки рӯйи лахча, зери қӯри оташ ё реги тафсон пухта мешавад) меваҳои хушк ва гандуму нахӯди бо кунҷит бирёншуда ородиҳандаи асосии рӯйи дастурхонҳо буданд. Таомҳои камоб мисли туппа, атола, шӯла, ялама, тухмбирён, кашк, шакароб, таҳмол, чанголӣ ва хӯрокҳои сероб мисли угро, мастоба ҳам ғизоҳои дилкаштарини рӯйи дастурхонҳои наврӯзӣ ҳисоб мешуданд. Вале, мардум бештар аз ҳама майли хӯрдани далдаю гунгиниро мекарданд, ки даруни кӯзаҳои гилин пазонида мешуданд. (Далда аз гандумест, ки пӯсташро дар уғур ҷудо ва мағзашро пора-пора мекунанд. Гунгинӣ бошад, гандуми пӯсташ тозанакардаю ба пораҳо ҷудонашуда аст дар омехтагии нахӯду лубиё. Ҳар ду ҳам бисёр пурқувватанд).

Гирди чунин дастурхонҳо бо ҳам нишастану хӯрок хӯрдан ҷиҳатҳои рамзии бисёр дошт. Масалан, ҳамеша сарҷамъу бо ҳам будан, бародару баробар будан. Ба ҷуз ин, нишастан гирди чунин дастурхонҳо аҳамияти бузурги тарбиявиро доро буд: Солмандон панду ҳикмат мегуфтанд, талқин мекарданд, ки одамон, махсусан ҷавонон қадри умрро бидонанд ва ягон лаҳзаи онро беҳуда нагузаронанд, аз он ки ба баҳору Наврӯз мерасанд, шукргузор бошанд. Баъдан, дар гӯшае, ки нақши саҳнаро мебозид, базми рақсу суруд барпо мегашт. Вале, ҳофизону раққосон фармоишӣ набуданд. Балки ҳар он касе завқ дошт, мебаромаду ҳунари худро нишон медод. Дар ин базми ҳунар асосан сурудҳои хусусияти рамзӣ доштаи ба баҳору Наврӯз, ба гулу булбул, ба ишқу муҳаббату вафодорӣ бахшидашударо месароиданд.

Ҳоло ҳам тақрибан ҳамин тавр аст. Таҷлили ҷашни баҳору Наврӯз на танҳо дар ин деҳаи кӯҳистони мо, балки дар саросари ҷумҳурии азизамон намоиши ҳақиқии ҳаёти гуворо, тинҷию осоиштагӣ, дӯстию рафоқат ва шодию сурури мардум аст.

**Ҳасан Юсуфи ФАЙЗБАХШ,**
*нависанда*

**37 қурбонии таркиши ахир дар Анкара гувоҳе аз вусъати ихтилофҳо дар ҷомеаи Туркия унвон мешавад.**

# Туркияро дигаргуниҳои ҷиддӣ дар пеш аст?



**Аз** амали террористии шаби якшанбеи гузашта (13 март) дар пойтахти Туркия бар иловаи ин миқдор қурбонӣ садҳо нафар ҷароҳат бардоштанд. Таъсири равонии ин фоҷеа ба ҳолати шаҳрвандон ва хориҷиён ба ҳадде аст, ки бисёриҳо акнун ба амнияту суботи кишвар дигар кам бовар доранд.

Аммо амалҳои террористӣ дар Туркия акнун дар ҳоли ба як рӯйдоди муқаррарӣ табдил ёфтан аст.

Истанбул, Анталия ва бархе аз минтақаҳои дигари ин кишвари дӯстдоштаи сайёҳон бо оғоз аз аввали соли гузашта маҳали анҷоми амалҳои тахрибкорона буд. Аммо ин бор гулгашти Отатурк - яке аз хиёбонҳои асосии пойтахт, ки дар он биноҳои идораҳои давлат ҷойгиранд, мавриди ҳамла қарор гирифт. Дар хабарҳо маҳали дақиқтари таркиш майдони Қизилой ва парки Гювен зикр шудааст.

Пас аз таркиш мақомоти давлат Ҳизби коргарии Курдистонро муттаҳам ба ин ҷиноят эълон карда, ба мавзеи курдҳо воқеъ дар шимоли Ироқ зарбаи ҳавоӣ заданд.

Таркиш дар наздики истгоҳи автобус замоне, ки пуродам буд, ба иҷро расида ва сабаби маргу маҷруҳ шудани одамони зиёд шуд. Аз навори камераҳои гузошташуда дар маҳали инфиҷор, ки пойгоҳҳои хабарӣ мунташир карданд, рӯшан ба назар мерасад, ки мошини сабукраве чанд сония пеш аз таркиш ба шаст омада пеши роҳи автобуси пур аз одамро гирифт ва таркиш ба вуқӯъ омад…

Суди Анкара пас аз он ки интишори хабарҳо ва гузоришҳо аз маҳали инфиҷор ҷомеаи Туркияро ба ташвиш андохт, пахши хабарҳо дар робита ба ин ҳодисаро маҳдуд кард. Дастрасӣ ба шабакаҳои интернетии "Фейсбук" ва "Твиттер" ҳам дар кишвар чанд рӯз ғайримумкин шуд.

Хабаргузориҳо навиштанд, ки аз ҷои ҳодиса то маҳали кори Аҳмад Довудоғлу - сарвазир қариб 200 метр аст.

Ба гуфтаи мақомоти Вазорати корҳои дохилии Туркия, амали террористиро ду нафар - як зан ва як мард анҷом додаанд. Баъдтар донишҷӯдухтари 20-солаи курдӣ Саҳар Чагла Демир, ки шаҳрванди Туркия буду дар Донишгоҳи Баликесир мехонд, аз омилони ин террор эълон шуд.

Таркиш дар Анкара, панҷумин амали террористӣ дар Туркия ва дуввумин инфиҷор дар моҳи ахир дар пойтахт аст. Дар маҷмӯъ, дар пайи ин ҳодисаҳо қариб 200 нафар кушта шуданд.

Охирҳои соли 2015, ҳамагӣ чанд моҳ пеш ҳукумати Туркия эълон карда буд, ки раванди сулҳомези танзими масъалаи курдҳо ба поён расида ва аз ин ба баъд танҳо аз роҳи зӯр ва бо истифода аз нерӯ амал хоҳад шуд.

Ин тасмим дар ҳоле гирифта шудааст, ки дар ҷанубу шарқи Туркия задухӯрдҳои мусаллаҳона бо курдҳо ду даҳсола боз идома доранд. Бар асоси гузориши мақомоти расмӣ, дар натиҷаи даргириҳо 400 ҳазор нафар ин минтақаро тайи ин муддат тарк карда, ба ноҳияҳои дигари кишвар рафтаанд.

Аммо шиддат гирифтани иҷрои амалҳои террористӣ дар ҳоле аст, ки вазири корҳои дохилии Туркия Эфкан Ала гуфтааст, аз аввали сол то ин дам аз 18 амали террористии дигар пешгирӣ намудаанд.

Чӣ омиле боиси қаҳри бештари мухолифони давлати Туркия шуда бошад? Худи коршиносон ва бархе аз мақомоти турк ин амалҳоро ҷавобе ба ҳамлаҳои ахир ба маҳалҳои курднишин ва кушта шудани садҳо нафар дар музофоти Ширнак медонанд.

Аз ҷумла Фелекнас Уҷа, як узви парламенти Туркия изҳор доштааст, ки як омили афзоиши амалҳои террористӣ дар Анкара ҳамин ҳамлаи нерӯҳои ҳавоии кишвар ба пойгоҳи шӯришиёни курд, воқеъ дар шимоли Ироқ метавонад бошад.

Чунин ба назар мерасад, ки омили дигари зиёд шудани амалҳои тахрибкорона шиддат гирифтани муборизаҳои сиёсӣ дар сатҳи олии ҳукумат ҳам аст.

Ориф Асалоғлу, яке аз публисистони турк гуфтааст, ки дар сатҳи ҳукумат ҳам акнун гурӯҳҳои мухолиф шакл гирифта ва баъзеҳо аз бесуботиҳо дар ҷомеа манфиат доранд. Ин муҳаққиқ, аз ҷумла аз ихтилофи собиқ муовини сарвазир Бюлент Аринч ва собиқ президенти Туркия Абдулло Гул, норозиятиҳо дар дохили ҳизби "Адолат ва рушд", ки Довудоғлу раҳбарӣ мекунад, ёдовар шудааст.

Аз эҳтимол дур нест, рӯҳияи ихтилофу ҷудоихоҳӣ, ки дар сохторҳои қудратӣ ҳам таъсир гузоштааст, ба унвони омили сеюм ҷиҳати тағйири вазъият барои ба даст овардани қудрат дар кишвар истифода гардад.

Зимни баррасии мавзӯъ ин нукта бояд дар мадди назар бошад, ки ҳам Раҷаб Эрдуғон ва ҳам Аҳмад Довудоғлу - президент ва сарвазири Туркия дар чанд моҳи гузашта ба такрор эълон кардаанд, ки барои пешгирӣ аз афзоиши амалҳои террористӣ, тақвияти мубориза барои ҳифзи манфиатҳои кишвар тайёранд ба Сурия нерӯ ворид кунанд.

Ба ҳар сурат, таркишҳо дар Туркия, ки ба иштибоҳҳои сиёсии мақомот ҳам рабт мегирад, ба суди ин кишвар ва минтақа нест. Ҳар гуна ҷанг, аз ҷумла рӯёрӯӣ бо курдҳо, ки низ мардуми таҳҷоии ин сарзамин мебошанд, ҳоло аҳамияти байналмилалӣ касб кардааст, набояд сода арзёбӣ гардад. Салоҳ нест, ки тамоми камбуд ва иштибоҳҳои солҳои ахири Туркияро бо эълони ҷанг ба сари курдҳо зад.

Пас аз таркиши моҳи феврал ва инчунин дар пайи амали террористии нав мақомоти турк хеле зуд исми муттаҳамонро эълон мекунанд, ки саволбарангез аст. Агар мақомот иҷрочиёни ин амалҳоро медонистанд, пас барои чӣ сари вақт аз фоҷеа пешгирӣ накарданд?

Чунин ба назар мерасад, ки Туркия дар арафаи дигаргунии калон, пеш аз ҳама дар сатҳи дохилӣ аст. Бисёриҳо бар ин назаранд, Анкара, ки дар сиёсати хориҷӣ аллакай мавзеи худро аз даст додааст, танҳо метавонад барои ҳифзи оромӣ ва суботи дохилӣ талош кунад.

Мабодо кор ба ҷое расад, ки тахмингӯии баъзе аз коршиносон: - Ҳукумати Туркия назорати равандҳои дохилиро аз даст дода истодааст, - рост барояд.

**Солеҳ ЮСУФОВ**

## *Гиристам*

**(Дар фоҷиаи модаре, ки дар Ироқ аз дасти фарзанди ифротгарояш ба қатл расид)**

*Бар марги зори модари сарсон гиристам,*
*Бар ҳоли ҷисми абтару беҷон гиристам.*
*З-ин дард осмону замин гиря мекунанд,*
*Бар он шаҳиди фитнаи шайтон гиристам.*
*Саркӯб шуд зи панҷаи марг орзуи дил,*
*Дар рӯйи санги мадфани армон гиристам.*
*Гӯянд: сар мапеч зи фармони модарон,*
*Бар амри қатли модари гирён гиристам.*
*Эй войи модаре, ки варо пораи ҷигар,*
*Худ пора-пора кард, чу борон гиристам.*
*Бадкеш, дури ҷони варо оқибат фурӯхт,*
*Бо нархи ҳеҷу пуч, чи арзон, гиристам.*
*Аз дасти золимони сияҳпӯшу нохалаф,*
*Насле фано бигашт, дучандон гиристам.*
*Ояд зи хоки мардуми сайёра бӯйи хун,*
*Аз оҳу сӯзи қавми парешон гиристам.*
*Қалби замон тапид аз-ин моҷаро*
*зи дард,*
*Бар доварии ноҳақи*
*даврон гиристам.*
*Барканда бод, решаи*
*иғвои зархарид,*
*Бар доғи номи поки мусалмон*
*гиристам.*



**Рудобаи МУКАРРАМ**

# ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА КОНСТИТУТСИЯ ТАҚОЗОИ ДАВРУ ЗАМОН АСТ

**22 майи соли равон бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ ворид сохтани тағйиру иловаҳо ба Конститутсия дар ҳаёти сиёсии кишварамон воқеаи хеле муҳим буда, аз шакли нав гирифтани давлатдории миллӣ ва таҳкими амнияту суботи сиёсӣ ва иҷтимоии кишвари соҳибистиқлолу ҳуқуқбунёдамон шаҳодат медиҳад.**

Бо мурури замон тағйир додану илова сохтан ба Конститутсия чун дигар конститутсияи давлатҳои ҷаҳон табиист ва ба ин восита дурнамои пешрафти давлатамон дар ин ҳуҷҷати барномавию сарнавиштсоз муайян карда мешавад. Тақозои давру замон қаблан ҳам ду маротиба зарурият пеш оварда буд, ки 26 сентябри соли 1999 ва 22 июни соли 2003 ба Конститутсияи мамлакат бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ тағйиру иловаҳо ворид карда шаванд. Баъди гузашти беш аз 12 сол боз чунин зарурият аз нав ба миён омад. Ин маротиба ба Конститутсияи мамлакат нисбати дафъаҳои пешин бештар тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд,



ки онро пешрафти ҳаёти ҷомеаи имрӯза, дигаргуниҳои куллӣ дар раванди ислоҳоти сиёсию иқтисодӣ, иҷтимоиву фарҳангӣ ва ҳуқуқӣ тақозо мекунад. Ба хусус пешниҳоди калимаи "Сарқонун" аз ном ва матни Конститутсия хориҷ карда шудан хеле ба мавридаст. Зеро калимаи "Конститутсия" вожаи умумиэътирофшудаи байналмилалӣ қабул шуда, дар тамоми давлатҳои ҷаҳон фаҳмо ва истифодаи он роиҷ мебошад. Ёдовар бояд шуд, ки мавриди истифода қарор гирифтани калимаи "Сарқонун" дар қавсайн ҳанӯз охирҳои солҳои 80-уми асри гузашта бо талошу пофишориҳои як идда олимони забоншинос сурат гирифта буд, ки ин кори нолозим буд. Ниҳоят мавриде омад, ки ислоҳи ин калима дар ном ва матни Конститутсия пешниҳоди хирадмандона қарор гирад. Ҳамчунин бо ба инобат гирифтани қоидаҳои нави имлои забони тоҷикӣ ва ислоҳ даровардан ба истилоҳҳо ва ибораву калимаҳо ба 40 моддаи Конститутсия низ ба рушди забони давлатӣ ва мукаммал гардонидани вожаву таркиботи он ба талаботи имрӯза хеле мувофиқ мебошанд.

Аз нигоҳи банда пешниҳодҳо ҷиҳати тағйиру иловаҳо ба фаъолияти судяҳои судҳои конститутсионӣ, судяҳои судҳои вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ ва судҳои иқтисодӣ ҳам талаботи замон буда, мувофиқ кунонидани кору амали онҳо ба меъёрҳои байналмилалӣ мебошад. Ҳангоми таъини онҳо ба вазифаҳои масъулиятнок ба инобат гирифтани собиқаи кор, маълумоти ҳирфавӣ, синну сол ва савганд ёд кардан дар парлумони касбӣ ҳатман зарур аст ва ин тадбирҳо ба рушди устувори адолати судӣ ва шаффофияти кори судяҳо комилан мувофиқат менамоянд.

Ба боварии том метавон гуфт, ки мардуми шарифи Тоҷикистон, аз ҷумла аъзои ҲХДТ, дар баррасии тағйиру иловаҳои пешниҳодшуда ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолона ширкат варзида, якдилона онро ҷонибдорӣ мекунанд.

**Тоҷиддин АМИРЗОДА,**
*судяи суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе*

Ҳаёти ҳизб

# АЁДАТИ ПИРОНСОЛОН



Бо мақсади амалӣ намудани дастурҳои ҳамешагии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси ҲХДТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи дастгирии оилаҳои камбизоат масъулини Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Варзоб дар арафаи Рӯзи Модар ба аёдати 10 нафар модарони калонсол, сокинони ҷамоатҳои Варзоб-Қалъа, Чорбоғ, ба номи Садриддин Айнӣ, Лучоб, Зидеҳ ва Деҳмалик рафта, ба онҳо сарулибос ва пойафзол тақдим карданд.

Модарон аз дастгирии ҳамешагии Сардори давлат хурсанд гардида, бо изҳори сипосу минатдорӣ шукронаи тинҷию оромии Тоҷикистони азизро намуданд ва барои пойдории ҳамешагии сулҳу ваҳдат, барои баракати кору зиндагии сокинони мамлакат дуо карданд.

"МХ"

# ҶАЛБИ ҶАВОНОН БА ҲАЁТИ СОЛИМ

Дар асоси нақшаи кории Ташкилоти ҷамъиятии ҷавонон "Созандагони Ватан"-и назди Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Ҷайҳун ба муносибати



ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ ва 25-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон байни дастаҳои футболи деҳот дар варзишгоҳи марказии ноҳия барои дарёфти мукофоти таъсиснамудаи ТҶҶ "Созандагони Ватан" ва комиссияи кор бо ҷавонони назди Кумитаи иҷроияи ҲХДТ мусобиқа баргузор гардид. Мақсад аз баргузории мусобиқа ташвиқу тарғиби тарзи ҳаёти солим байни наврасону ҷавонон, бештару беҳтар ба таҳсил фаро гирифтани онҳо, ташаккули ифтихори ватандориву ватандӯстӣ ва ҳидояти ҷавонон ба ояндаи ободу осудаи кишвар мебошад. Дар анҷоми бозӣ дастаҳои ғолиб бо мукофотҳои таъсиснамудаи ТҶҶ "Созандагони Ватан" ва комиссияи кор бо ҷавонони назди Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Ҷайҳун сарфароз гардонида шуданд.

"МХ"

Амали хайр

# ЁРӢ БА НИЁЗМАНДОН СУННАТИ НИЁГОН АСТ

*Соли 2015 дар вилояти Хатлон ба таври хайрия хатнасури 3 ҳазору 786 кӯдак ва тӯйи арӯсии 290 ҷуфт барпо ва ба дастпарварони мактаб - интернатҳо ба маблағи 1,1 миллион сомонӣ кӯмакҳои мухталифи молӣ расонида шуд.*

- Маҳз бо тасвиби амри вижа ва ҳидоятҳои мудавоми Пешвои ғамхори миллат, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон бештар аз шаш сол аст, ки садорати мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо, ташкилоту идораҳо, соҳибкорон ва




афроди алоҳида ба чунин иқдомҳои ҷавонмардона зиёдтар даст зада истодаанд, -гуфт Умарҷон Сафаров, мутахассиси пешбари шуъба оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон. - Охир вақте тӯйи нафари ниёзмандеро гузаронида, ба кӯдаке сарупойи наву велосипед ё бозича ва ба ҷуфти навхонае ҷиҳози рӯзгор тақдим мекунию шодии онҳоро мебинӣ, худро хушбахттарин инсон меҳисобӣ. Дасти ёрӣ дароз кардан ба ниёзмандон ин яке аз суннатҳои ниёгони соҳибтамаддуни мост. Ин маънӣ дар Паёми навини Сарвари давлат ба Маҷлиси Олӣ низ хеле муассир зикр гардид.

Дар рабт ба ин ва дигар маъракаҳои анҷомшуда мавсуф иброз дошт, ки дар маҷмӯъ 55 ҳазору 418 тӯю чилу сол бо харҷи 151 миллиону 640 ҳазору 753 сомонӣ доир гардид, ки аз ин ҳисоб масорифи як маърака ба 2 ҳазору 736 сомонӣ баробар буда аст.

Барои риоя накардани талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" 186 қонуншиканӣ ба қайд гирифта шудааст.

**Умед МИРЗОЕВ,** *"МХ"*

Маслиҳати муфид

# БАНДАГОНИ «ОЗОДӢ»

**Усули корбарии радиои "Озодӣ" дигар барои касе пӯшида нест. Он пеш аз ҳама бар он рукнҳое даст мезанад, ки дар он бадтарин камбудиҳои ҷомеа инъикос гардида бошад. Интихоби ахбору маводи дастандаркорони маҳаллии радиои мазкур низ, дар пояи он мавзуъҳое сурат мегиранд, ки супоришӣ аст. Дар сурати ғайр, кафши хабарнигороне, ки аз доираи ин супоришҳо берун меравад, оҷилан пеш гузошта мешавад.**

**ИНТИХОБИ** кормандон ба радиои "Озодӣ" аз муҳимияти малака, савод ва касбияти журналистӣ вобаста нест. Муҳим он аст, ки дар журналисти ба ин даргоҳ қадамгузошта аз камбудиву ноқисиҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ дар самтҳои оддии ҳаёти рӯзмарраи мардуми кишвараш завқ бараду аз он иттилоъ паҳн кунад. Барои мисол сӯхтор, заминҷунбӣ, садамаи автомобилӣ, ҳатто газидани сагу болои сари касе чаппа шудани дарахтро ончунон расонаӣ месозанд, ки бояд ҳатман мардумро яъсу навмедӣ фаро гирад, дучори афкори манфӣ шуда, табъашон хира гардад.

Насли солҳои 90-уми асри гузашта дар ёд доранд, ки гурӯҳе аз ин қабил журналистон хеле зуду осон ба дафтари радиои "Озодӣ" роҳ ёфтанд. Дар миёни эшон Салими Аюбзод низ буд. Чун онҳо иттилооти баҳсбарангезро дар ҷомеа паҳн намуданд, ки подошашон ҳамин қабули дастаҷамъона дар радиои мазкур гардид. Зеро аллакай як лоиҳаи муҳими "супориши"-ро ба иҷро расониданд. Ва шурӯъ карданд ба лоиҳаи баъдӣ. Чӣ туҳматҳоеро, ки нарехтанд бар сари давлату миллати тоҷик. Ва то имрӯз ин корашон идома дорад.

Онҳо ҳамеша интизоранд, ки дар Тоҷикистон ягон ҳодисаи оддӣ рух диҳад. Он гоҳ ба шикорчие табдил меёбанд, ки мушро дар қапқон фил пиндоштааст. Онҳо дар бораи дардҳое, ки имрӯз тамоми ҷомеаи ҷаҳониро ҷониби марги умумӣ мебаранд, наменависанд. Бо ДИИШ коре надоранд. Аз оне, ки имрӯз оташи терроризм қадам ба қадам тамоми минтақаро ба коми худ мекашад, ҳарфе иншо намекунанд. Зеро ҳамаи ин бо онҳое вобастагӣ дорад, ки пешашон луқма мепартоянд. Албатта, барои Салими Аюбзод дар бораи ришу ҷелак, сатру шеваи намозгузорӣ, маҳалу маҳалбозӣ навиштан хеле муҳимтар аз он аст, ки ба таҳлили воқеии фоҷеаҳои Ироқу Сурия, ифшосозии равғанрезони асили ин набардҳои ғайриинсонӣ даст занад. Ин "озодандеш" ва радиои ба ном "Озодӣ"-аш ҳаргиз сабабҳои таърихии пайдо шудани ин созмонҳои инсонкуш, сарпарастони молии онҳоро як ба як ном нахоҳанд бурд. Куҷост ҷуръати ифшо ва ошкор кардани пуштибонҳои ДИИШ? Зеро ҳеҷ бандае ба соҳиби худ даст намебардорад. Ва ҳамаи инро боз бо пуррӯйӣ «демократия» ном мебаранд.

Инҳо аз тоифае мебошанд, ки барои таҳкими манфиати миллӣ хасеро болои хас намегузоранд ва ҳисобашон аслан рӯйи мулоҳизаҳои ашхоси ғайбатчиву суханчин, нотавонбину ҳангомаҷӯ ва камсавод аст. Ин аст пойдевори аслии "озодии сухан"-и онҳо!

Матлаби ахири Салими Аюбзод "Осиёи маҳал то кай хоҳад гашт?" боз кӯшиши навбатие бахри сиёҳ сохтани Ҳукумати ҷумҳурии Тоҷикистон аст. Ӯ дар бораи "маҳалбозӣ" менависаду навиштааш аз далелу рақамҳо орист. Аслан ба овардани ин рақамҳо низ манфиатдор нест. Зеро мақсади аслӣ ва вазифаи доимиаш, коридани тухми нобоварӣ дар байни сокинони Тоҷикистон аст. Фақат ин муздураки бегонагон дар дуриҳои дур қарор гирифта, намедонад, ки мардуми диёраш дигар он соддалавҳоне нестанд, ки дар солҳои 90-ум қурбони моҷаро ва иғвоангезиҳои ӯву ёронаш гаштанд. Мардум худашон медонанд, ки таносуби тақсими вазифаҳои давлатӣ чӣ гуна аст ва намояндагони ину он маҳал дар кадом соҳаҳои ҳаётан муҳими кишвар ба нафъи миллату давлати хеш заҳмат мекашанд. Онҳо ба ҳеҷ довари беруна ва ҷангандозе ниёз надоранд. Онҳо аллакай пай бурдаанд, ки аюбзодҳою хоҷагонашон пайваста талош доранд бо инъикоси яқҷонибаи ҳодисаю воқеоти ҷаҳонӣ зеҳнашонро хатарпазир ва мутеъ гардонанд.

Маҳз аз хондани маҳсули дасти ин тоифа хабарнигорон тасаввуроте пайдо мешавад, ки ҷуз эътирозу ҷанг дигар ҳеҷ гуна умеди раҳоӣ аз мушкилот вуҷуд надорад. Бо ҳамин васила, тарроҳон ҷангандҳои ДИИШ ро то сарҳаде бурданд, ки ба расидани қиёмат дар вақтҳои наздиктарин итминони комил доранд. Маҳз ҳамин гуна зеҳнсозӣ ва бардасозиро дастандаркорони "Озодӣ" ва хизматгузоронашон мехоҳанд дар майнаи тамоми сокинони кишварҳои зери назарашон ҷой кунанд. Бубинед, онҳо (аз ҷумла Аюбзоду ҳамкоронаш дар "Озодӣ") худ тоқати дидани сатру ришу пироҳантумбонро надоранд ва ҳаргиз намоз намегузоранду рукнҳои мусулмониро бар ҷой намеоранд, лекин ҳамеша дар талошанд, ки ба ин падидаҳо бӯи сиёсӣ диҳанд. Бо истифода аз эътиқодоти динӣ-мазҳабӣ хешро ҳимоятгари манфиатҳои мардум намоиш диҳанду дар зеҳни онҳо бахри пайдо шудани ҳисси эътирозу норозигӣ замина эҷод намоянд ва бад ин васила тадриҷан ҷомеаи орому осударо ҷониби нифоқу якдигаркушӣ баранд. Чуноне ки мисолашро дар чанд кишвари ободи арабӣ дидему дида истодаем. Лозим ба ёдоварист, ки дар ин кишварҳо низ радиои "Озодӣ" бо забони арабӣ пахш мешуду хабаргузоронаш намояндагони мардуми бумӣ буданд. Аз ҳамин нигоҳ, асрҳо муқаддам шоири бузург моро ҳушдор додааст:

*Тавозуъҳои душман макри сайёдӣ бувад, Бедил,*
*Ки хам-хам рафтани сайёд бахри қатли мургон аст.*

**Сипеҳри АҶАМӢ**

# ТЕРРОРИЗМ САРҲАД НАДОРАД

## ТЕРРОРИСТҲО БЕШТАР БА ҶАВОНОН РӮ МЕОРАНД?

Дар таблиғи ақидаҳои ифротӣ ташкилотҳои махсуси хориҷӣ дар минтақа манфиатдоранд ва ин андешаҳоро миёни ҷавонон таблиғ ва интишор мекунанд. Дар ин раванд ҷавононе, ки дар мактабҳои махсуси экстремистии хориҷӣ таҳсил кардаанд, метавонанд ширкат кунанд. Рӯҳониён ва исломшиносон борҳо таъкид кардаанд, ки амалкардаҳои аъзои "Давлати исломӣ", "Ал-қоида", "Толибон", "Боко ҳарам" ва дигар гурӯҳҳои экстремистӣ ва террористӣ, ки бо номи "ҷиҳод" анҷом дода мешаванд, бо исломи асилу ноб робитае надоранд. Дар натиҷаи амалиёти террористии онҳо хуни ҳазорҳо нафар шаҳрвандони бегуноҳ рехта мешавад, кӯдакон бесарпаноҳ ва занон ба ҳалокат мерасанд.

Коршиносон ба ин назаранд, ки ба доми террористҳо бештар ҷавонони муҳоҷир ва ё муассилини кишварҳои арабӣ ҷалб мешаванд. Барои ҷалб кардани онҳо аз шабакаҳои интернетӣ ба таври васеъ истифода мебаранд. Аз ҷумла, барои ҷалби ҷавонони минтақаи Осиёи Марказӣ сомонаҳои мухталифи интернетӣ васили асосӣ мебошанд.

## ЧУНИН ФАРЗАНДРО АЗ РӮИ ЗАМИН НЕСТ СОЗЕД!

Ҳар рӯз ҳамчун таҳқиқотчӣ ба шабакаи интернет, сомонаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва таблиғотӣ ворид шуда, аз нишонаҳои онҳо низ бохабар мешавем ва мебинем, ки бештари он ҷавононе, ки ба гурӯҳҳои террористӣ аъзо шудаанд, номашонро тағйир дода, худро ба мисли Абӯ Муҳаммад, Абӯ Ҳамза, Абӯ Салом ва ғайра муаррифӣ мекунанд.

Чӣ хеле, ки шабакаҳои телевизионӣ пайваст шудани як гурӯҳ ҷавонон тоҷикро ба гурӯҳи исломии Ӯзбекистон пайваст шуданро намоиш дод ва дар он ҷо падари яке аз ин ҷавонон бо оби дида гуфт, ки "чунин фарзандро аз рӯи замин нест созед", то ин ки ман ҳамчун падар, пагоҳ дар назди миллату давлатам ба ҷавобгарӣ кашида нашавам. Сабаб дар чӣ бошад, ки чунин ҷавонон ба ин гурӯҳҳо аъзо мешаванд? Яъне пеш аз ҳама тарбияи нодурусти волидайн ва ҷомеа оиди пешгирӣ накардани ҷавонон дар сари вақт аст, ки ба чунин роҳҳо меравад.

Ба он шахсоне, ки наздиконашон ба гурӯҳҳои ифротгаро, террористӣ ва экстремистӣ аъзо ё ҷалб шудаанд, пешниҳод карда мешавад, ки барои боз гаштани онҳо, фақат пайвандон ва давлат ба онҳо кӯмак карда метавонанд. Чи хеле, ки маълум аст, он ашхосе, ки бо ихтиёри худ ба мақомоти қудратӣ таслим шаванд, ба онҳо имтиёзҳои зиёд аз ҳукм итизор аст.

## МО МУҚОБИЛИ ИСЛОМИ РАДИКАЛӢ ВА АТЕИЗМИ ҶАНГОВАР ҲАСТЕМ

Дар газетаи "Азия плюс" суҳбати журналист Зебо Тоҷибоева бо муовини якуми Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон мӯҳтарам Саидмурод Фаттоҳзода ба нашр расид, ки паҳлӯҳои исломи ифротгаро ва атеизми ҷанговар зикр шудааст. Гуфта мешавад, ки сабаби ҷанги шаҳрвандии мо низ аз ин гурӯҳҳо сарчашма гирифтааст. Дар он вақт идеологияи коммунистӣ бо идеологияи исломӣ бархӯрданд, ки фикру идеяи якдигарро гӯш кардан намехостанд. Имрӯз мебинем, ки дар тамоми дунё зуҳуроти исломбадбинӣ доман паҳн карда истодааст. Яъне аз номи ислом истифода намуда ба бетартибиҳои зиёд роҳ медиҳанд. Бинобар ин шакли беҳтарини давлатдорӣ ин давлати демократӣ мебошад.

Соли 2014 як радикали ифротгаро дар маркази шаҳри Лондон шаҳрванди ин кишварро бо таври ваҳшиёна ба қатл расонид. Дар натиҷа, тамоми шаҳрвандони мамлакат ба муқобили чунин ашхос бархеста, аз парлумон хоҳиш намуданд, ки дигар мусалмонҳоро ба мамлакатамон роҳ надиҳед. Сарвазири Британияи Кабир ба парлумон пешниҳод намуд, ки аз ин тараф бояд мо 75 фоизи мусалмононро ба кишварамон роҳ надиҳем. Фақат 25 фоизи он мусалмононе, ки ба семинар ва конфронсҳои илмию эҷодӣ ворид мешавнд, роҳ диҳему халос.

Сулҳе, ки Пешвои миллат, Президенти кишвар, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Тоҷикистон овард, нодиртарин ва қимматтарин неъмат мебошад. Ба мо зарур аст, ки ин ваҳдати миллӣ ва сулҳро чун гавҳараки чашм ҳифз кунем. Нагузорем, ки нохалафе фазои ороми Тоҷикистонро ғуборолуд созад.

## ГУНАҲГОР ДӮЗАХ ВА БЕГУНОҲ БИҲИШТ МЕРАВАД?

Дар шумораи №4(983) аз 21.01.2015 ҳафтаномаи "Минбари халқ" мусоҳибаи собиқ роҳбари ҲНИТ Абдураҳим Каримовро ба нашр расонд. Дар он шумора домулло тамоми сиёсати собиқ ҲНИТ-ро шарҳ дода, иброз дошт, ки ин ҳизбро хоҷагони хориҷӣ ба он хотир таъсис доданд, ки Тоҷикистони мо низ ба Ҷумҳурии Исломии Афғонистон мубаддал гардад. Аз суханони мулло Абдураҳим бармеояд, ки Шиори ин ҳизб нест кардани миллати тоҷик буд. Масалан, дар суханронияш солҳои ҷанги шаҳрвандиро (1996-1997) чунин зикр кардааст: "Моро аз боло супориш доданд, ки аз тарафи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон даромада, аз пешатон чӣ мард, зан, кӯдак ва пири кӯҳансол баромад, нест кунед, гунаҳгораш дӯзах ва бегуноҳаш биҳишт меравад".

Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ниҳоят бисёр қарори одилона қабул кард ва ҲНИТ-ро ҳизби террористӣ эълон намуд. Чӣ хеле, ки маълум аст, ба монанди ин ҳизб боз якчанд гурӯҳҳое ҳастанд, ки Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти онҳоро дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ кардааст. Аз ҷумла "Ал-Қоида", "Толибон", "Ҳизбу таҳрир", "Давлати исломӣ", "Давлати Туркистон", "Ҳаракати Исломии Ӯзбекистон", "Тоҷикистони озод", "Гурӯҳи 24" ва ғайраҳо аз ин шумораанд.

Дар Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, ки "Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявию иҷтимоӣ узви ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад". Дар ин бобат моро зарур аст, ки барои рушди демократикунонии ҷомеаи имрӯза фаъол бошем, ҳамагон ҳис кунанд, ки Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ буда, ҳифзи мардумаш дар ҷои аввал меистад.

**Салим ГАДОЕВ**, *омӯзгор*



*Ман бештар аз се рӯзнома метарсам, магар ин, ки аз сад ҳазор силоҳ...*

**Наполеон**

*Осонтар аст аз як журналист даҳ вазир сохтан, магар ин, ки аз даҳ вазир як журналист.*

**Отто фон Бисмарк**

# ВАҚТЕ КИ ЗАҲМАТ ҚАДР МЕШАВАД...

**Шарифҷон Ҷумъазода, иҷрокунандаи вазифаи раиси шаҳри Ҳисор журналистонро ба ҳамкории судманд даъват намуд. Ин вохӯрӣ 11 март дар Рӯзи матбуоти тоҷик дар толори китобхонаи маркази шаҳр баргузор гардид.**

Дар ибтидо Қурбонмурод Асоев, сармуҳаррири нашрияи **"Ҳисори Шодмон"** зимни ифтитоҳи ҷамъомад аз таърихи матбуоти маҳаллӣ дар даврони Истиқлол ба таври мухтасар маълумот дод.

Сипас шаҳрдори Ҳисор Шарифҷон Ҷумъазода рӯзноманигоронро ба муносибати иди касбиашон табрик гуфта, аз нақши матбуот дар рушди ҷомеа ёдовар шуд ва онро чун минбари розу ниёзи мардум муҳим арзёбӣ кард: *"Имрӯз мардум дар симои журналистон ҳимоягарони манфиатҳои худро мебинанд ва чӣ гуна қабул шудани он аз ҷониби мардум ба инъикоси воқеъбинонаи шумо вобаста аст"*, - зикр намуд раиси шаҳр.

Мавсуф дар идомаи суҳбаташ афзуд, ки бо мақсади вусъати ҳамкорӣ бо ВАО рӯзҳои наздик дар назди мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ Маркази матбуотӣ таъсис дода хоҳад шуд. Ҳамзамон тасмим гирифта шудааст, ки сомонаи шаҳрдорӣ роҳандозӣ карда мешавад.

Дар вохӯрӣ таъкид шуд, ки шаҳрдорӣ нияти таъсис додани шабакаи радио ва телевизиони маҳаллиро низ дорад. Инчунин ба муносибати 25-умин солгарди ҷашни истиқлолияти давлатӣ барои журналистон баргузории озмун таҳти унвони **"Қалами созанда"** дар назар аст.

Рӯзноманигорон зимни суҳбати озоду ошкоро аз нақшаҳои неку созандаи шаҳрдорӣ истиқбол карданд ва дар навбати худ пешниҳод намуданд, ки ҷоизаи ҳамасолаи ба номи Акбари Саттор таъсис дода шавад.

Дар вазъияти хотирмон иҷрокунандаи вазифаи раиси шаҳри Ҳисор заҳмати як гурӯҳ намояндагони васоити ахбори оммаро, ки дар инъикоси мушкилоти сиёсиву иқтисодӣ ва ҷамъиятии мамлакат саҳми арзанда гузоштаанд, бо сипоснома ва туҳфаҳои хотиравӣ қадр кард.

Аз ҷумла, сармуҳаррири нашрияи "Ҳисори Шодмон" **Қурбонмурод Асоев,** хабарнигори ҳафтаномаи "Минбари халқ" **Азамат Дӯстов**, директори телевизиони СМТ **Ӯруни Назар (Ворис)**, масъули телевизиони ВВС дар Тоҷикистон **Суҳроби Зиё**, сармуҳаррири рӯзномаи "Имрӯз Нюс" **Назири Нусрат**, хабарнигори ҳафтаномаи "Азия-Плюс" **Манижа Қурбонова**, муҳаррири Радиои Тоҷикистон **Ҳикматулло Носиров**, хабарнигори ҳафтаномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» **Сайфиддин Сунатӣ**, наворбардори шабакаи "Ҷаҳоннамо" **Диловар Камолов** бо чунин туҳфаҳо сарфароз гардиданд.

**Алӣ ҶӮРА**



Луқма

# МАТБУОТ ҶАШНИ КИСТ?

**ИДИ касбии матбуотчиёнро журналистони ҳафтаномаи сертеъдодтарини кишвар, нашрияи ҲХДТ "Минбари халқ" чун дигар ҳамкасбони худ интизорӣ доштанд. Дар иртибот ба 104 солагии ин ҷашни ҳирфаӣ, чанд матлабе ҳам нашр кардаву ҳамдигарро муборакбод ҳам гуфтанд. Ҳатто ба ин муносибат аз ҷониби Раёсати ҳизб ба хотири тарбияи ҷисмонии аҳли эҷоди ин нашрия дар рӯзи идашон тенниси рӯимизӣ ҳам ҳадя гардид. Вале...**

**Аҳли қалами ин нашрия аз дигарон шуниданд, ки ба ҷашн бо даъватномаҳои Иттифоқи журналистон ба Театри давлатии ҷавонон рафтан лозим аст. Аммо то лаҳзаи охирин ҳам онҳо ин даъватномаҳоро нагирифтанд. Ҳатто вақте ки ҳамкорамон Ҳ. Ализода, ки ҳамзамон раиси Комиссияи тафтишотии Иттифоқ аст, рӯзи 10 март ба котиби Иттифоқ, ки масъули даъвати журналистон буд, вохӯрда ӯро хотиррасон кард, ки аз рӯзномаи мо касе ба ҷашн даъват нашудааст, мавсуф чун ҳамешагӣ забон хоида ким- чӣ гуфта нопадид шуд.**

**Рӯзи ид қаламкашон бо табъи идона ба театр рафтанду журналистони ҳафтавори "Минбари халқ" ба хонаҳояшон.**

**Шояд дар ин рӯз онҳо чизе бой надоданд, вале сухан сари он аст, ки он рӯз зодрӯз ё тӯю маъракаи шахсии касе не, балки иди матбуоти тоҷик буд! Агар зиёда аз 53 ҳазор муштариёни мо ва беш аз якуним миллион хонандаи нашрия қадри эътирофи соҳибҷашнии моро дар ин ид накарда бошанд, пас мо ҳам эҳсос кардем, ки миёни дастандаркорони ин маърака дигар Акбари Саттори воқеан акбар, яъне бузург, нест. Ҷойи ӯро дигар раисе бо чунин самимияту қадрдонӣ ва бо як чашм ба ҳама нигоҳ кардану баробар ба ҳама эҳтиром гузоридани гирифта натавонистааст.**

**Мо аҳли эҷод аз дигарон шунидем, ки дар ин "маърака" кӣ чӣ қимате дошту кӣ ба ёру ошноҳои хеш намоишкорона чи ҳадяҳоро арзонӣ дошт. Вале ин ҳам муҳим нест, муҳим он аст, ки мо журналистон вақте худро ҳақиқатҷӯву воқеънигор мепиндорем, чаро як ҳамоишеро ҳам бе хотирбиниву тағобозӣ гузаронида наметавонем?**

**Собиқадорони журналистика, ки дар он рӯзи боронӣ ва ҳавои сард ба хотири ба ёд овардани солҳои соҳибқаламии хеш ва дидани шогирдону ҳамкасбони худ омада буданд, эҳсос карда бошанд, ки чаро онҳое, ки ҳеҷ гоҳе матбуотчӣ набуданд, бояд дар ин рӯз мукофот бигиранду бархе аз соҳибони аслии ҷашн ё дар берун бимонанд ё умуман даъват нашаванд?**

**Агар барои кадом нафаре як хотирдор ё ҳамшаҳриву дӯсташро "обрӯманд"-у соҳибунвон кардан зарур аст, ин корро пинҳонӣ кунад, на оммавӣ ва на аз ҳисоби иди матбуот. Зеро тавре дар он ҷо иброз шуд, журналистони бисёре бо нишони "Аълочии матбуот" мушарраф гардидаанд, ки баъдан (???) ба онҳо супорида хоҳад шуд. Аз сӯи дигар, обрӯи ин мукофотҳоро он қадар коста кардаанд, ки дигар дили як беунвон ҳам ҷӯш намезанад барои бо чунин тарз гирифтани он.**

**Ҳарчанд дар ин ҳамоиш борҳо таъкид гардид, ки дигар журналистон ва нашрияҳоро ба «худӣ» ва «бегона» ҷудо намекунанд, вале ахиран маълум нашуд, ки «Минбари халқ» ба кадом гурӯҳ дохил мешавад?**

**Раёсати тозаинтихоби Иттифоқи журналистон бо нахустин ҳамоиш дарак дод, ки то "иттифоқ" шудан ҳанӯз роҳ тӯлонист.**

***Аҳли қалами «Минбали халқ»***

**17 феврал мавсими нави ниҳолшинонӣ дар Тоҷикистон расман оғоз шуд. Дар ин рӯз Асосгузори сулҳу ваҳдат ва пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар атрофи Қасри миллат бо дасти худ чанд бех ниҳолҳо шинонд ва расонаҳо инро оғози маъракаи ниҳолшинонӣ дар ҷумҳури арзёбӣ карданд.**

# БУНЁДИ БОҒ АМАЛИ НЕК АСТ



**Аз Анас писари Молик ривоят аст, ки паёмбари худо (с) фармудаанд:**

*"Ҳеҷ мусалмоне нест, ки ниҳоле шинонад ё зироатеро кишт намояд, ки аз он паррандае ё инсоне ё ҳайвоне бихӯрад, магар ин ки барояш амали мазкур садақа мебошад".* (Ин ҳадисро Имом Бухорӣ ривоят кардааст.)

Аз ин суханони гуҳарбори роҳнамои башарият, ҳазрати расули акрам(с) бармеояд, ки бунёди боғ, ниҳолшинонӣ, парвариши зироат хулоса кишоварзӣ ва кори деҳқонӣ фазилати бузурге дорад, ки натанҳо манфиаташ дар ин ҷаҳон, балки аҷру савобаш ҳамчун садақа ба деҳқон аз ҷониби худованд дар олами уқбо низ хоҳад расид. Нуктаи аз ин ҳадиси муборак ҷолиби диққат он аст. ки аз ҳосили дасти деҳқон натанҳо одамон, паррандагон ва олами ҳайвонот ҳам манфиат мебаранд.

Ғайр аз ин боз дар фазилати деҳқонӣ хусусан боғдорӣ бузургони миллати мо суханҳои боарзиши зиёде гуфтаанд. Чунончӣ, зоҳирии ин абёти Мирзо Абдулқодири Бедил барои мо хело мувофиқ аст:

***Самари боги шавқ***
***бисёр аст,***
***Яъне асбоби завқ***
***бисёр аст,***
***Касби деҳқонӣ***
***аз чи диди шоқ,***
***Эй сазовори***
***хилъати раззоқ***
***Дари ин ҷилва бар дилат***
***во кун,***
***Сунъи ҳақро зи худ***
***тамошо кун.***
***Чанд аз афсурдагӣ***
***нафас шуморӣ,***
***Навбаҳор офарин ба барзгари.***
***Тухм чанде фишондан аст***
***ба хок,***
***Пас таваккул***
***ба фазли Эзиди пок...***

Имрӯз дар замони мо ҳам қадру кимати замин ва кишоварзӣ як андоза боло рафтааст. Ин пеш аз ҳама ба сиёсати дурусти аграрӣ ва таваҷҷуҳи беандоза ва хусусан ба таъкидҳои ҳаррӯзаи ассосгузори сулҳу ваҳдат ва пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва ҳукумати кишвар дар бораи беҳтар кардани соҳаи кишоварзӣ ва пуштибонии ӯ аз марди деҳқон вобастагӣ дорад.

Дар тамоми гӯшаву канори кишвар баъд аз ба истиқлоли давлатӣ ноил гаштани ҷумҳурӣ соҳаи кишоварзӣ, хусусан боғдорӣ авҷи тоза пайдо кардааст.

Дар ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон ҳам корҳои зиёде дар ин самт идома дошта бошад ҳам, лекин нокифоя мебошад. Он шуҳрати азимеро, ки дар замони собиқ вилояти Кӯлоб солҳои 70-80 уми асри гузашта боғпарварони ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб дар парвариши зироатҳои кишоварзӣ, аз он ҷумла картошкапарварӣ ва сабзавоткорӣ доштанд, ҳоло ба даст наовардаанд. Гарчанде ки дар ассоси Барномаи рушди боғу токпарварӣ,ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардида, бо пурраги роҳи ҳалли худро ёфтааст ва дар шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб дар майдони ҳазорҳо гектар бунёди боғҳои интенсивӣ ва токзорҳо ҳамасола зиёд гардида истодаанд.

Гуфтан лозим, ки солҳои охир аз беназоратии баъзе мақомотҳо воридоти пастсифати маводҳои хӯрока аз хориҷи кишвар, аз қабили давлати Чину Эрон ва Покистон махсусан маводи кишоварзӣ, картошкаи Покистон ва меваҳои Эрону Чин, ки онҳо пастсифату дурага ва маводи химиявии таркибашон зиёд ба ҷумҳурӣ афзудааст. Ва ин маводи хӯрокаҳои аз хориҷ воридшуда пеш аз ҳама ба саломатии шаҳрвандони ҷумҳури зарароваранд бо гуфтаҳо мутахассисону олимони соҳаи тиббӣ кишвар ва солҳои охир касалиҳои фарбеҳшавӣ, фишорбаландӣ, касалиҳои дилу қанд, сироатӣ ва ғайра оварда расонида истодаанд.

Суоле ба миён меояд куҷо шуд он маҳсулоти аз ҷиҳати сифатан баланду экологӣ бехатарӣ бо арақи ҷабин парвариш ва истеҳсол кардаи марди деҳқони шуҳратманди тоҷик ?

Умед аз он дорем, ки раисони ҳукуматҳои шаҳру ноҳияҳо ва деҳқонони асили ҷумҳурӣ мувофиқи Барномаи нави қабулгардидаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди рушди боғутокпарварӣ барои солҳои 2016-2020 даҳҳо ҳазор гектар боғҳо ва токзорҳои нав бунёд хоҳад гашт дар заминҳои оби ва талу теппаҳо дар ҷумҳурӣ, аз он ҷумла дар ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон.

Он боғу токзорҳо пур аз себ, ноку ангури шаҳдвори мо, ки бозорҳои ҷумҳуриро пур карда, берун аз кишвар харидори зиёде доштанд, аз нав ба пургӣ эҳё нагаштаанд. Агар мо имрӯз ҳамагон ба қадри он ғамхорию дилсӯзие, ки асосгузори сулҳу ваҳдат Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбат ба кишоварзон дорад, нарасем ва камари ҳимматро мустаҳкам баста дар пайи бартараф кардани камбуду норасоиҳои соҳаи кишоварзӣ набошем, фардо хело дер хоҳад шуд.

Бо ташаббуси Хайрулло Ибодзода, -раиси Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминҳои ҳудуди боғи ботаникии шаҳри бостонии Кӯлоб зиёда ҳазор бех ниҳолҳои мевадиҳанда ва бунёди боғи интенсивӣ оғоз ёфтааст.

Қайд кардан лозим,ки ин аввалин ва охирин иқдомҳои роҳбарияти Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нест. Чанд сол пеш дар мавзеи харобгаштаи минтақаи Сайёди ҷамоати деҳоти Себистони ноҳияи Данғарп ҳазорҳо бех дарахтони мевадиҳанда ва сояафкан шинонида шуданд.

Чунки фаъолияти мо дар ҳама самтҳои соҳаи кишоварзӣ нисбат ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ хело суст пеш меравад. Бо худтаърифкуниҳои зиёд, бо ҳисобот ва нишондиҳандагони дар болои қоғаз буда, Ватан обод нахоҳад гашт. Ба умеди аз берун нишастан аҳвол беҳ нахоҳад гашт ва сарнавишти бобои ДЕҲҚОН бояд ба дасти худи ӯ дода шавад.

Деҳқон имрӯз ххм бояд дарк карда бошад, ки замин дар дасти худи мо ҳаст. Он чи кишт мекунем, азони мост ва ҳосили онро ҳам касе аз мо нахоҳад ситонд. Мо деҳқонон роҳҳои пурсамар истифода бурдани замин ва бардоштани ҳосили хуброҷустуҷӯй намуда, дар фикри ободии бештари хонадон ва диёри худ бошем. Мо вобаста ба он замине, ки соҳибаш ҳастем, зироатеро парвариш кунем, ки нафъи бештаре ба мо хоҳад дод. Ҳамчун мутахассис, собиқ корманди соҳаи агросаноатии собиқ вилояти Кӯлоб боғдориро соҳаи сердаромад дар кори деҳқонони ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон медонам. Чунки таҷриба нишон дод, ки боғи бунёдкардаи деҳқонон дар заминҳои хоҷагиҳои деҳқони нисбат ба заминҳое, ки дар минтақаи Қӯрғонтеппа ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дошта ба парвариши зироатҳо машғуланд, даҳҳо маротиба фоидаи зиёдтар меорад. Хоҷагиҳои деҳқонии ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб ҳангоми бунёд кардани ин боғҳо ва токзорҳо чизеро аз даст намедиҳанд. Дар даҳсолаи аввали боғи бунёдгашта ҳамон кишти картошка ва сабзавотро идома додан мумкин.

Хоҷагиҳои деҳқонии минтақаи Кӯлоб имрӯз дар боғе, ки бунёд кардаанд, аз се ҷиҳат фоидаи соф ба даст меоранд. Аввал ҳосили дарахтони мевадиҳанда, дуввум ҳосил аз кишти картошка ва дигар зироатҳо, ки дар байни қаторҳои дарахтон рӯёнда мешавад ва саввум дарахтони бе самар (арар ва бед), ки дар атрофи замин парвариш ёфтаанд, ҳамчун маводи сохтмон ва захираи ҳезум дар фасли сармо ба кор меоянд.

Имрӯз ҳар марди деҳқоне, ки дилаш ба замин месӯзад, таҷрибаю малакаи деҳқониро, ки дорад бояд ба дигарон пешниҳод созад, то як самти муҳими соҳаи кишоварзи, яъне боғдори дар ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб рушд кунад. Албатта, дар ин самт монеа ва мушкилот кам нест, пеш аз ҳама гуфтан лозим аст, ки баъзан ҷамотҳои деҳоти ноҳияҳо дар самти боғдорӣ фаъол нестанд, дуввум мушкилӣ ва монеъа аз тарафи баъзе раисони хоҷагиҳои колективии ноҳияҳо, ки худро ҳокими мутлақи замин медонанд, эҷод карда мешавад, сеюм, мушкилӣ дар он аст, ки соҳибони заминҳои аксари хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ на ҳама деҳқони асиланд.

Онҳо ба даромади бештар аз замин эҳтиёҷ надоранд, яъне ашхосе ҳастанд, ки манбаи даромади дигаре доранд. Чаҳорум мушкилот он аст, ки як муассисаи муҷаҳҳазе, ки ба боғдорон дар вақти мубориза бо ҳашарот ва касалиҳо кӯмак расонад, дар ҳар ноҳия вуҷуд надорад. Панҷум, деҳқон ҳангоми ҷамъоварии ҳосили зиёди меваро бо сабаби вуҷуд надоштани корхонаи коркарди мева, аз даст медиҳад. Шашум, ба деҳқони асил ва фаъол ғамхорӣ ва пуштибоние зоҳир намегардад, ё ин ки аз тарафи роҳбарони мақомотҳои ноҳияҳо ягон ҳавасмандкуние нисбат ба деҳқон вуҷуд надорад, ҳафтум комбудии соҳа он аст, ки деҳқони ҳақиқӣ ва асил ба ягон семинар ё таҷрибаомӯзӣ ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ ва берун аз он фиристода намешавад.

Хулоса, камбуду норасоӣ ва монеъаю мушкилӣ дар кори кишоварзони ноҳияҳо, хусусан дар самти боғдорӣ хело зиёд аст.

**Шарифхон ТИЛЛОЕВ**

Минбари халқ
16 марти соли 2016,
№11 (1043)

# "Интиқоми фиръавнҳо"

## ЧӢ ГУНА ФИРЪАВНҲО БАЪДИ ГУЗАШТИ ҲАЗОРҲО СОЛ "ҚАСОС" МЕГИРАНД

**Нашри силсиламақолотро бахшида ба ҳаводиси аҷиби таърихӣ идома медиҳем. Дар шумораҳои гузашта мо оид ба ривояти машҳури баровардани қавми яҳуд бо сарварии Мӯсо аз Миср ва шахсияти ӯ қадре тавонистем, муфассал маълумот дода будем. Дар ин шумора мо мавзӯи Мисрро боз пайгирӣ мекунем. Ин ҷо мо оид ба ҳодисоти ҳайратовари илми бостоншиносӣ ҳарф хоҳем ронд, ки бархе аз коршиносон онро тасодуфе беш намедонанд, бархе онро аз муаммоҳои фаҳмониданашавандаи илмӣ маънидод мекунанд ва дигаронро аз паёмадҳои нохуши онҳо ҳушдор медиҳанд...**



**"Лаънати фиръавнҳо"**-лаънатест, ки гӯё ҳар касеро, ки ҷуръат намуда, хоби абадии фиръавнҳо ва ҷасадҳои мумиёшудаи онҳоро безобита мекунад, пайгирашон мешавад. Ин **"лаънат"** аслан бо ҳодисаҳои марги одамон, ки баъди чанд соли баъди кушодани қабри фиръавн Тутанхамон (солҳои ҳукмронӣ 1347-1338), ҳокими сулолаи 18, домоди фиръавн Эхнатон (Аменхотеп. Оид ба ин фиръавни навовар дар шумораҳои гузашта мухтасаран маълумот дода будем) вобаста мешавад. Баъзан чунин "лаънат"-ҳоро ба ҳаводиси хориҷ аз марзи Миср рухдода низ нисбат медиҳанд-кушодани қабрҳои Темури Ланг дар Самарқанд (соли 1941, ки аз тариқи шабакаи телевизионии Русия низ пахш гардида буд, ки мӯҷиби норозигии олимони ватанӣ гардид), Казимири Бузург Ягеллончик дар Краков (Лаҳистон, соли 1973) ва дарёфти ҷасади мумиёшудаи Этси дар кӯҳҳои Алп (соли 1991)-у монанд ба ин.

Ду ҳодисаи бузурги илмӣ дар бархӯрди қарнҳои 19 ва 20 илми бостоншиносиро такон доданд-кашфи шаҳри кӯҳану асотирии Троя аз ҷониби Генрих Шлиман ва бозёфт дар Водии Шоҳони Миср-қабри Тутанхамон аз ҷониби муҳаққиқони англис лорд Карнарвон ва доктор Картер, ки баъди 16 сол корҳои бостоншиносӣ инак ба мақсуди хеш расиданд. Ин ҳодиса соли 1922 рух дод.

Доктор Картер дар ҳаяҷони зиёд буд, вақте аз Луксор суроғаи лорд Карнарвон ба Лондон телеграмма фиристод: **"Кашфиёти бузург. Дар Водии Шоҳон қабри то ин дам номаълуми дастнорасида дарёфт гардид. То омадани Шумо тамоми корҳоро ба анҷом хоҳем расонд. Г. Картер"**. Лорд Карнарвон ин корҳоро сармоягузорӣ мекард ва ба **"тақдири баланд"**-аш боварӣ дошт. Аммо ин хабар ба ӯ ғайричашмдошт буд. Баъд аз ду ҳафта ӯ аллакай дар ҷойи ҳодиса буд ва ҳатто ҷомадонҳояшро накушода рост ба назди мақбара рафт. Аз миёни долонҳои мақбара гузашта, онҳо дар ҳар қадам ба сарватҳо дучор мешуданд. Ва инак, ба ҳуҷраи охирин расиданд. Ба торикии ҳуҷра аввалин шуда Картер даромад.

-Чиро, чиро мебинед?-сабру таҳаммулро аз даст дода, пичиррос зад Карнарвон.

Дар ҷавоб равшании шамъ ларзид ва баъд аз чанд лаҳзае, ки гӯиё абадият буд, овози ларзони Картер шунида шуд:

-Хазинаи бузургеро мебинам…

Зери таъсири шаҳомати хазина, Картер ба катибаи гилине аҳамият надод, ки дар он бо иероглиф (алифбои мисрӣ)-ҳо чунин навишта шуда буд: ***"Шохаҳои марг онҳоеро дарёфт мекунанд, ки хоби фиръавнро халалдор месозанд"***. Баъд аз дарёфти ин катиба ва хондани он Картер наҳаросид, чунки ӯ олим буд, аммо ӯ аз он хавотир буд, ки ин ба коргарони маҳаллии хурофотӣ маълум мегардад ва корҳои бостоншиносӣ, ки дар дунё ҳамто надоштанд, пеш аз муҳлат ба анҷом хоҳанд расид. Картер ба ҳеҷ ваҷҳ наметавонист ба ин роҳ диҳад ва бо қарори ӯ ин катибаро ба рӯихати бозёфтҳо дохил накарданд-акнун ӯ ором шуд, ки ҳеҷ кас ин катибаро нахоҳад дид… Ба чашм мерасад, ки олими бузург ҳама чиро ба инобат гирифт, ҳама чиро, ғайр аз як чиз-дар рӯихати сарвати фиръавн гарданбанде буд, ки навиштаҷоти дохили онро баъд хонданд: **"Ман ҳамонам, ки бо фармони биёбон мурдорони қабршиканро ба гурез меорам. Ман ҳамонам, ки дар посбонии қабри Тутанхамон истодаам".**

***Ин огоҳии дуввум буд.***

Онҳо 17 нафар буданд, ки аз паси Картер ва Карнарвон ноябри соли 1922 ба манзили охирини Тутанхамон даромаданд…Ва оғоз гардид занҷираи маргҳо, ки бархе онро натиҷаи "лаънат"-и фиръавнҳо медонанду фаҳмиши илмиашро шарҳ дода наметавонанд, дигарон маҳсули ҳангоматалабии рӯзноманигорон меноманд.

Ривояти "лаънати қабри Тутанхамон"-ро хабари мисршиноси маъруфи амрикоӣ Ҷеймс Генри Брестед оғоз бахшид. Ӯ нисбати як ҳодиса дар саҳифаҳои рӯзномаи бонуфузи **"Ню-Йорк Таймс"** санаи 22 декабр иттилоъ дод. Брестед навишта буд, ки паррандаи дар қафас будаеро, ки дар манзили дар Луксор (Миср) будаи доктор Картер мезист, мори кобра хӯрдааст. Хуб, дар навбати аввал ба назар мерасад, ки ин ягон ҳодисаи ғайриоддӣ нест-кишвари гарми ҷанубӣ, морҳо ин ҷо зиёданд… **Аммо дар асотири мисриёни қадим кобра махлуқест, ки душманони фиръавнро маҳв мекунад.** Дар матбуот дарҳол ақидае паҳн гардид, ки ин барои иштирокчиёни кушодани қабри фиръавн фоли бад аст. Ин ривоятро бо тамоми ҷузъиёташ бостоншинос Артур Уэйгалл тавсеа бахшид. Ӯ солҳои 1905-14 вазифаи ҷонишини Инспектори Генералии мероси бостонии Мисрро ба уҳда дошта, ҳангоми корҳои ҷустуҷӯии Картер ва Карнарвон мухбири махсуси рӯзномаи "Дейли Мейл"-и Лондон буд. Сэр Артур Конан Дойл, нависандаи машҳур, ақидаи худро ба тарафдории воқеияти "лаънати фиръавн"-ҳо иброз намуда, тахмин кард, ки марги лорд Карнарвон тариқи "элемент"-ҳое, ки коҳинони Тутанхамон барои ҳифзи мақбара ихтироъ кардаанд, сурат гирифтааст. Ин гуфтаҳои нависандаи машҳур ҳангомаро дар матбуот боз ҳам бо қувваи зиёд барангехт.

Аҷибаш он аст, ки ба ин бисёр ашхоси хурофотӣ дар тамоми олам бовар карданд. Масалан, асосгузори фашизм ва доҳии Италия Бенито Муссолини, ҳамин, ки аз марги Карнавон ва Гоулд хабар ёфт, фармон дод, ки аз кохи Палатсио Кидҷи ҷасади мумиёшудаи мисриро, ки барояш туҳфа оварда буданд, "зуд дафъ кунанд".

***Инак, далелҳои асосие, ки тарафдорони мавҷудияти "лаънати фиръавнҳо" меоранд, чунинанд:***

**1. Лорд Карнарвон 5 апрели соли 1923, баъд аз 4 моҳ, ки ба қабри фиръавн даромад, вафот кард. Писараш мегӯяд, ки пеш аз маргаш ӯ ҳарза мегуфт, аммо лаҳзаи охирин ҳуш ба сараш омад ва ӯ пичиррос зад: "Фармони биёбон маро ба сӯяш мехонад. Ман бояд онро иҷро кунам (навиштаҷоти гарданбанди Тутанхамонро ба ёд оваред, ки дар боло гуфтем).**

**2. 6 апрел дар 54-солагӣ бостоншинос Артур Мейс вафот кард. Саломатии ӯ баъди кушодани қабр бад шудан гирифт.**

**3. 15 январ бо сабаби бемории номаълум рентгенолог Арчибалд Дуглас-Рейд вафот кард. Ӯ "ҷасорат" карда, ҷасади Тутанхамонро ташхис намуда буд.**

**4. 16 маи соли 1923 аз бемории пневмония дар 59-солагӣ сармоягузори амрикоӣ Ҷорҷ Гоулд фавтид, ки ӯ ҳам мақбараро "зиёрат" карда буд.**

**5. 26 сентябр баъд аз ҷарроҳии стоматологӣ аз сабаби заҳрдор шудани хун бародари лорд Карнарвон- саёҳатчӣ ва дипломат полковник Обри Герберт ҳалок гардид.**

**6. 10 июли соли 1923 узви оилаи шоҳии Миср Алӣ Комил Фаҳмӣ, ки дар кушодани қабри Тутанхамон ҳузур дошт, аз ҷониби ҳамсараш парронда шуд.**

**7. 19 ноябри соли 1924 аз ҷониби террористон генерал-губернатори Судон сэр Ли Стек кушта гардид. Мавсуф ҳам аз шумори ашхосест, ки "хоби абадӣ"-и Тутанхамонро халалдор карда буд.**

**8. 15 ноябри соли 1929 ғайричашмдошт котиби доктор Картер капитан Ричард Бартел вафот кард.**

**9. 20 феврали соли 1930 падари Бартел-сэр Ричард, барон Уэстберри худро аз ошёнаи 7 ҳаво дод. Ин охираш нест-тибқи хабари матбуоти ҳамондавра, дар ҷанозаи ӯ як писарбача зери мошини тобутдошта монда, ҳалок гардид.**

**10. 26 маи соли 1929 аз бемории пневмония бародари ӯгаи лорд Карнарвон-Мэрвин Герберт вафот кард.**

**Ва боз маргҳои дигар…**

Пораи сарпӯши тобути фиръавн, ҳамоне, ки имрӯз дар Осорхонаи Британия маҳфуз аст, низ як **"дум"**-и ҳаводиси ҳайратоварро паси худ дорад. Аввалин молики он-Дуглас Мюррей сарпӯшро солҳои 60-и қарни гузашта харидорӣ намуд. Ва…аз таркиши силоҳ дасташ канда шуд. Киштие, ки тобутро ба Англия мебурд, қариб ғарқ шуда буд. Хонае, ки сараввал ба он тобутро гузошта буданд, дар натиҷаи сӯхтор нобуд шуд. Суратгире, ки тобутро аккосӣ мекард, даст ба худкушӣ зад (худро парронд).

Умуман, занҷираи "лаънати фиръавнҳо" пеш аз кушодани қабри Тутанхамон низ мушоҳида мешуд: Ҳендерсон, духтуре, ки дар ширкати Ост-Индиа фаъолият дошт ва соли 1805 дар шаҳри қадимаи Фиваи Миср ду ҷасади мумиёшударо рабуда буд, баъд аз як сол аз ақл бегона шуд. Шаҳрванди Шведсия Ф.Лидман, ки қисмати зиёд дар Миср қарор дошт, коллексияи бузурги сарватҳои ғоратшудаи мақбараҳои кушодашударо ҷамъоварӣ намуда буд. Аммо тамоми ашёи ҷамъ намудаи ӯ дар амбори Константинопол (Истамбул) дар натиҷаи сӯхтор нобуд шуд. Соли 1914 тадқиқотчии рус В.П.Красовский вафот кард. Пеш аз марг, чуноне, ки ӯ навишта буд, "ӯро "рӯҳ"-и аҳроми кушодашудааш азият медиҳад". Коргарони мисрие, ки ба ӯ дар корҳои бостоншиносӣ ёрӣ мерасониданд, низ вафот карданд. Дар садамаи автомобилӣ ҳамкори ӯ-Кокрофти англис ҳалок гардид. Дар киштии машҳури "Титаник", ки соли 1912 ғарқ шуд, ҷасади мумиёшудаи фолбинзани маъруфи замони фиръавн Аменофиси 4 буд, ки онро лорд Кантервилл аз Лондон ба Ню-Йорк мебурд. Зери сари мумиё ҳайкали худои мисрӣ Осирис маҳфуз буд, ки чунин навиштаҷот дошт: ***"Аз миёни мурдагон бархез ва нигоҳи ту онҳоеро, ки сари роҳат меистанд, маҳв хоҳад кард".***

**Азамат ДӮСТОВ**

# Таблиғгари адабиёти тоҷик

*Ба наздикӣ ба шарафи 25 -солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нашриёти "Истиқбол" ҷилди якуми китоби тарҷумони хушсалиқа, журналисти рӯзгордида Омонбой Жуманов бо номи "Ҳозирги замон тожик насри" ("Насри муосири тоҷик") аз чоп баромад. Китоб беш аз 300 саҳифа буда, дар он намунаҳои асарҳои насрии намояндагони адабиёти тоҷик , огоз аз устод Айниву Ҳаким Карим то Аъзам Сидқиву Холмурод Шарифов бо забони ӯзбекӣ пешкаши ҳаводорони дурдонаҳои насри тоҷик гардонида шудааст.*




Дар шафати утоқи кориам ходими рӯзномаи ӯзбекзабони "Устоз" Омонбой Жуманов кору фаъолият менамояду то вақтҳои наздик бо номбурда танҳо бо ифодаҳои "салом ҳоҷӣ", "хайр ҳоҷӣ" муносибати ҳамсоягӣ доштем. Зеро номбурда табиатан камгапу фурӯтан буда, меҳмонони зиёдеро, ки ба наздашон меоянд, бо лутфи ба худ хос пешвоз мегиранду гусел менамоянд.

Зимистону тобистон дари ҳуҷраи кориашон пӯшидааст. Бо назардошти он, ки Омонбой-ака ба журналистони солхӯрда мутааллиқ ҳастанд, маҳсули корашон тавассути қаламу қоғаз эҷод мешавад. Ба пиндори мани ҳамсоя нафаре буданд, ки дар даврони пирӣ барои вақтгузарониву дар хона зиқ намондан ба кор меомаданд. Вале замоне, ки дар як маҳфил сеҷилдаи романи Кароматулло Мирзоеврo дар тарҷума бо забони ӯзбекӣ дар дасти ҳамсояҳуҷраам дидам, нобоварона суол кардам, ки магар тарҷумони ин асар Шумо ҳастед?

Чун бо табассуми ба худ хос зери лаб иброз доштанд, ки ин роман ва чандин асарҳои дигари адибони классикиву муосири тоҷикро ба забони ӯзбекӣ тарҷума ва ба чоп омода намудаанд, яқин ҳосил кардам, ки Омонбой Жуманов баробари журналистӣ ба меҳнати тоқатфарсои тарҷумонӣ рағбати беандоза доранд.

Баъди ҷамъбасти маҳфил он бегоҳ то маҳаллаи зисти Омонбой, ки роҳи хонаи ман ба ҳамон тараф аст, суҳбаткунон рафтему аз сӯҳбат фаҳмидам, ки нахустин тарҷумаи номбурда зери унвони **"Қайсар чумчуқ"-"Гунчишкаки гаподаро"** аз рӯи афсонаҳои халқи тоҷик ҳанӯз соли 1990 дар Тошкент бо теъдоди 150 000 адад ба табъ расида будааст.

Чун тарҷумаи нахустин аз ҷониби хонандагон бо хушӣ пазируфта шуд, муддати мадиде нагузашта, ҳикоятҳои пандомези Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар тарҷумаи номбурда аз чоп баромад. Мувофиқи дархости ҳаводорони адабиёти тоҷик О.Жуманов ба тарҷумаи насри муосири тоҷик камар баста, дар муддати кӯтоҳ асарҳои **"Севги ва садоқат"** аз рӯи асарҳои А.Рабиев, **"Тоғли диёр қўшиқлари"** ("Суруди диёри кӯҳсор"), **"Келишув сари йул"** ("Роҳ ба сӯи созиш"), **"Мен улган эмасман, эй дўст"** ("Ман намурдаам, эй дӯст"), **"Ота орзусида"** - ("Дар орзуи падар"), **"Акамга мактуб"** ("Мактуб ба бародар") **"Икки овора"** "Ду овора" **"Тоғалар янграган кўшик"** (аз рӯи қиссаи **"Ширмоҳ"**-и М. Наҷмиддиноновро аз чоп баровард.

Имрӯз Омонбой -ака дар айни камолоти эҷодӣ буда, ба забон ва адабиёти тоҷик меҳри беандоза дорад. Ин самимияту садоқат аст, ки бо пешниҳоди номбурда ба маҷаллаи ӯзбекии **"Кичкинтой"** номи **"Хурдакак"** илова шуда, ҳикояву тарона ва қиссаҳои он бо забонҳои ӯзбекиву тоҷикӣ ба табъ мерасанд.

- Ман зодаи ин сарзаминам ва аз мам қавист, ки тамоми нерӯи худро барои пешрафти ҷомеаи навини ин Ватан, ки Тоҷикистон ном аст, бахшам, бо ифтихор мегӯяд Омонбой Жуманов.

**Маъруфи БОБОРАҶАБ**



# НАВРӮЗИ ОРИЁЙ БАР ДӮСТОН МУБОРАК!

**Наврӯз иди байналмилалист. Дар роҳи ҷаҳони гаштани Наврӯз нақши Асосгузори сулҳу ваҳдат, Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон калон аст. Дар ин ҷо шояд хонандаи закитабъ суоле пеш оварад, ки чаро маҳз миллати мо бояд аз ин ҷашн сахт фахр кунад?**

Ба он хотир, ки маънои номи ин миллат худ фарри шоҳист ва калимаи "тоҷ" ва фарри шоҳӣ касро ба гармӣ, нармӣ, зебоӣ, рӯшноӣ, тозагӣ, ақл, хирад, шодмонӣ, бардамӣ, накӯкорӣ, созандагӣ бурда, худ ифодагари ҷаҳони Наврӯз ҳаст ва ин ном аз ин ҷашни бузурги ориёӣ маъво гирифтааст. Ин ифодагари ғалабаи нур бар зулмот, рӯз ба шаб, рӯшанӣ бар торикӣ, некӣ бар бадӣ, ҳикмат бар ҷоҳилист.

Дар ин росто ба хотири ин ҷашни бузург ва зинда кардани хотираи шоири шакарсухан бобокалони бузургворам Мирзо Лиқои Дарвозӣ бо камоли майл муште аз хирвори ашъори малакутии шоир "Мухаммаси Наврӯзӣ"-ро, ки ба рамзи беҳтарин нишонаи Наврӯзӣ - давраи растохези табиат, зебоии кӯҳу даман ва атру гуҳару гулҳо бахшида шудааст бо камоли эҳтиром пешкаши хонандагон менамоям.

**Варқаи ЗАЙНИДДИН,**
*ёвари калони прокурори вилояти Хатлон*




## МУХАММАСИ НАВРӮЗӢ

*Наврӯз шуд азизон, фасли баҳор омад,*
*Мурғи дили маро зуд завқи шикор омад,*
*Дар гӯшаи гулистон моро гузор омад,*
*Дидам фиғони булбул, аз ҳар канор омад,*
*Аз шавқи нолаҳояш гулҳо қатор омад.*

***

*Гардида боз пайдо мӯимиёни сунбул,*
*Чун мим танг бошад ,яъне даҳони сунбул,*
*Карда арақ зи наҳват гирди лабони сунбул,*
*Кай метавон бигӯям,шарҳи баёни сунбул,*
*Бо булбулони хушхон ногаҳ дучор омад.*

***

*Чашмам фитода ногоҳ, ёрон ба рӯи насрин,*
*Чун арғувон шукуфта, бар тан либоси рангин,*
*Бар қатли ҷони ушшоқ барбаста ханҷари кин,*
*Аз бӯи атрсояш овоза рафт дар Чин,*
*Дар айни дилрабоӣ лолаузор омад,*

***

*З-он пас шунида бошӣ, хушбу гули суманро,*
*Дида ҳама намоён ҳар сӯ гули суманро ,*
*Бошад миёни нозук, чун мӯ гули суманро,*
*Мушки сиёҳ бошад,гесу гули суманро,*
*Булбул зи шавқи бӯяш дар маргзор омад.*

***

*Аз хоки тира ногаҳ пайдо бигашт райҳон,*
*Пероҳани кабудаш зебо бигашт райҳон,*
*Дар бӯву дар карашма раъно бигашт райҳон,*
*Машҳур дар баҳорон ҳарҷо бигашт райҳон,*
*Андози абрӯвонаш чун дунби мор омад.*

***

*Сар бар бикард вакте аз зери хок савсан,*
*Кард аз ҳаё арақҳо чун шармнок савсан,*
*Наззора карда ҳар сӯ бо чашми пок савсан,*
*Зад ҳирқаи сабурӣ аз гусса чок савсан,*
*Вақти нишот бошад, хуш бош, ёр омад!*

***

*Дар кӯҳсор гашта гулгун либоси лола,*
*Чун гарқ гашта аз ғам дар хун либоси лола,*
*Буда зи беқарорӣ маҷнуни хос лола,*
*Гардид дилсиёҳӣ афъоли хоси лола,*
*Ӯ аз дами шаҳидон дар кӯҳсор омад,*

***

*Гардид бар дарахте чун ғунча боз садбарг,*
*Кард аз даҳони чун мим огози ноз садбарг,*
*Ҳам сурх ҳам сафед ҳаст ранги қабои садбарг,*
*Хушбӯ дар гулистон ,бошад миҷози садбарг,*
*Фуркат кашида булбул дар интизор омад.*

***

*З-он пас шукуфта бошад чун рӯи арғувонҳо,*
*Шуд дар назар намоён гесӯи арғувонҳо,*
*Наргис шукуфта доим аз хӯи арғувонҳо,*
*Дар ҷилва медароад чун гӯи арғувонҳо,*
*Ҳар як ба қадри ҳиммат андар баҳор омад.*

***

*То чанд пеша гирӣ авсофи чанд гулҳо,*
*Мурғи дили ту тарсам, афтад ба банди гулҳо,*
*Шояд,ки ҳамчу булбул гардад писанди гулҳо,*
*Ширин кунад даҳонат лабҳои қанди гулҳо,*
*Ин ҷумла дилфиребанд, хуш дор ёр омад!*

***

*Бошад зи ҳусни он гул ҳарду ҷаҳон мунаввар,*
*Бо сад ҳазор алвон бӯяш зи ҳад фузунтар,*
*Рухсораш зи гулҳо сад бор лолагунтар,*
*Ё раб,бисоз моро з-он бӯи гул тавонгар,*
*Аз синаи Лиқо ҳам афғони зор омад.*

**Мирзо Лиқои ДАРВОЗӢ**

### ЭЪТИБОР НАДОРАД

Шаҳодатномаи техникии манзили истиқоматии Шарифов Қурбон, воқеъ дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҳувайдуллоев, гузари 2, хонаи №226 бо сабаби гум шуданаш эътибор надорад.

НАШРИЯИ МАРКАЗИИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН
МИНБАРИ ХАЛҚ
www.minbari.halk.tj
E-mail: minbarihalk@hhdt.tj
*Сармуҳаррир*
Бахтиёр ҲАМДАМОВ

*Рӯзнома моҳи декабри соли 1994 таҳти рақами 309 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.*
Ба хотири гуногунандешӣ матолибе низ нашр мешаванд, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.
*Идораи нашрия навиштаҳои муаллифонро дар шакли электронӣ дар ҳаҷми то 4 саҳифаи ҳуруфи Times New Roman tj 14 қабул мекунад.*

БАРОИ МАЪЛУМОТ:
Дастгоҳи КИМ ҲХДТ - *тел: 224-23-90, 224-83-72, 224-49-29, 221-63-21. факс: 224-27-59*
Идораи рӯзнома *тел. 238-72-10, 238-54-61, 238-79-07, факс: 227-44-94*
www.hamsafon.tj E-mail: minbarihalk@bk.ru

ҲАЙАТИ ЭҶОДӢ:
Котиби масъул: Маъруфҷон Маҳмудов
Муҳаррири масъул: Алиҷон Ҷӯраев
Хабарнигорон: Солеҳ Юсуфов, Ҳуринисо Ализода, Азамат Дӯстов, Ибодуллоҳи Тоҳир, Гулҳаё Мадимарова
Масъули чоп: Мирзоалӣ Юнусов
Ҳуруфчин: Ҷамила Аҳмадова, Наргис Шамсова
Мусаҳҳеҳ: Сабоҳат Худоёрбекова
Суратгир: Тӯхтамурод Рӯзиев
Саҳифабанд: Фирдавс Таушаров

НИШОНИИ МО:
*734018, ш. Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ, 16.*
*Индекси обуна: 68910*
Макони чоп: нашриёти «Шарқи озод».
Теъдоди нашр: 50638 нусха
Навбатдор: А.ДӮСТОВ

